АФЗАЛШО ШОДИЕВ: БА ДУ ҚУВВАИ БУЗУРГ ТАКЯ МЕКУНАМ! с.8

НАРХИ СӮЗИШВОРӢ БАЛАНД МЕШАВАД. ЧАРО? с.3

2 ДАСТУРИ БАҲСБАРАНГЕЗИ ТОЛИБОН с. 4

ТОҶИКИСТОН

№9 (1572), 28.02.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ТАҲСИЛИ СИНФИ 10-11 ҲАТМӢ ШУД

Аз шарҳи масъулин то назари мардум











МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгирониии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

СЕБИСТОН-2018 — ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ДАР ИН ШУМОРА:

ШАҲОДАТИ ТАЪРИХ
Забони тоҷикӣ чӣ тавр мақоми давлатӣ гирифт? с.9

МУШКИЛОТ
Иҷозатнома 300 сомонист ё 130 доллар? с.3

СЕРГЕЙ ШОЙГУ:
Вазъият дар Осиёи Марказӣ печида аст с.4

ПОЙТАХТ
Таърихи як мозайкаи Душанбе с.5

МУРОҶИАТ БА САРВАЗИР
Чаро ҳуқуқи кор кардан намедиҳанд? с.6

СЕГОНА
Калонтарин давлатҳои сармоягузор дар Тоҷикистон с. 7

ВАРЗИШ
Душанбе мизбони «Grand Slam» мешавад с.5

КАНЗИ ШИФО
10 ширинике, ки ба саломатӣ фоида доранд с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ,
сахифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
21 000 нусха.

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ВАЗОРАТИ МУДОФИА

28-уми феврал дар Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ва чанд ниҳоди дигар тағйироти кадрӣ сурат гирифт.



Муовинони нави вазири мудофиаи Тоҷикистон

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хусрав Бобозода аз вазифаи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард озод шуда, ба ин вазифа Раҳмоналӣ Сафарализода таъйин гардид.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ҷамшед Сафар - муовини вазири мудофиа оид ба тайёрии ҷангӣ, Носирзода Одил Раҳмон - муовини вазири мудофиа оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, Раҳимзода Музаффар Анвар - муовини вазири мудофиа оид ба корҳои сиёсӣ ва тарбиявӣ ва Саидзода Бобоҷон Абдуқодир - муовини вазири мудофиа оид ба ақибгоҳ ва Абдусаттор Шоҳиён - сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Ҳамзамон, Собирзода Шамсиддин Маъруф - фармондеҳи Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоирзода Дилшод Амон - муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шуданд.

Ба вазифаҳои муовини аввал ва муовини сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ, сардорони якчанд раёсату ҳадамоти Вазорати мудофиа ва Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ, командирони баъзе қисмҳои ҳарбӣ, комиссарони ҳарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва намояндагони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалӣ ва дар назди сафоратҳои Тоҷикистон дар якчанд кишвари хориҷӣ кадрҳои соҳибтахассуси ботаҷриба таъйин гардиданд.

$ 6 МИЛЛИОН БАРОИ КАМБИЗОАТОНИ ТОҶИКИСТОН ҶУДО ШУД

Ба оилаҳои камбизоати Тоҷикистон 6 миллион доллар ҳамчун кумаки якдафъаина ҷудо шуд.

Дар ин бора Шодихон Ҷамшед, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон зимни ҳамоише дар вазорат, ки ба муаррифии барномаи давлатии расонидани Кумакҳои унвонии иҷтимоӣ то соли 2030 бахшида шуда буд, хабар дод.

Ӯ гуфт, ки маблағи умумӣ аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ҳамчун кумак барои ниёзмандон чудо шуда, ҳаҷми умумии он 6 млн доллар ё беш аз 60 млн сомонӣ аст.

Муовини вазир афзуд, ин кумак ба камбизоатоне дода мешавад, ки дар оила 3 кӯдаки ноболиғ, 2 маъюб ва ё як пиронсоли аз 65-сола боло доранд.

“Яъне он ба ҳамаи оилаҳои камбизоат, ки ҳоло беш аз 230 ҳазорро ташкил медиҳад, дода намешавад. Танҳо ба қисми осебпазир, ки ба се категорияи мавҷуда ҷавобгӯянд, дода мешавад”,- гуфт Шодихон Ҷамшед.

Нафароне, ки соли гузашта бо қарори Ҳукумати кишвар 600 сомонӣ кумакпулии якдафъаина гирифтанд, наметавонанд кумаки навбатиро гиранд.

ВАКИЛИ НАВИ ПАРЛУМОН. БИБИОСИЯ АЮБӢ КИСТ?

Бо қарори КМИР Аюбӣ Бибиосия Оймаҳмадзода вакили Маҷлиси намояндагон шуд.

Дар қарори КМИР омадааст, ки бинобар пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакил Мансурӣ Дилрабо Сайдулло аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ, тибқи рӯйхати номзадҳои интихобгардида аз ҲХДТ мандати вакилӣ ба номзад Аюбӣ Бибиосия Оймаҳмадзода дода шавад.

Бибиосия Аюбӣ қаблан ба ҳайси директори Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбарикунанда ва болаёқати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон фаъолият дошт. Дар гузашта дар вазифаҳои муовини директори Агентии хизмати давлатӣ, муовини раиси Кумитаи кор бо занон, муовини раиси ноҳияи Фирдавсӣ кор кардааст. Ӯ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро хатм кардааст.

Президенти АМИТ:

ИЛМИ ТОҶИКРО ШОИСТА МУАРРИФӢ МЕКУНЕМ

Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода дар мулоқот бо олимону кормандони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растанӣ ва Маркази инноватсионии геология гуфт, ки илми тоҷик бояд ба таври шоиста муаррифӣ шавад.

Қобилҷон Хушвахтзода аз фаъолияти институт ва марказ натиҷагирӣ намуда, барои дар оянда ноил шудан ба дастовардҳои нав ва муаррифии илми тоҷик дастурҳои мушаххас додааст.

Ҳангоми мулоқот Қобилҷон Хушвахтзода ба олимону кормандони ин ниҳодҳо барои анҷоми корҳои самараноку назаррас изҳори қаноатмандӣ намуд. Зимнан, ба онҳо барои ноил гаштан ба дастовардҳои нав маслиҳат додааст.

Ҳамзамон, роҳбарияти институт ва марказ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба кормандон, харидории технологияи нав барои озмоишгоҳҳо, фаъол намудани кори китобхонаҳо, дастгирии ҷавонон ва зиёд намудани сафи олимон аз ҳисоби ҷавонон, омӯзиши таҷрибаи бойи олимони соҳибмактаб супориш гирифтаанд.

САРИ САБЗ



Абдунабӣ САТТОРЗОДА,
доктори илмҳои филологӣ

- Ба мушоҳидаи ман, аксари ба ном зиёиёни тоҷик ғайр аз ғаму дарди шахсияшон дигар ғаму дарде надоранд. Барои онҳо фарқе надорад, ки ҷомеа чӣ вазъ дорад, аҳли ҷомеа чӣ тавр рӯз мегузаронад. Ман ҳар коре кардам, фақат ба хотири миллату мардум буд.

- Хотирбиниро як тараф мондаву номи чанд нафар чунин зиёиёнро кушоду равшан мегуфтед, зӯр мешуд, рафиқ доктор. Шояд баъди ин як каме ноҳинҷор шудаву худро ислоҳ мекарданд.



Баҳриддин ҚАМАРОВ,
омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент

- Дар аксар маврид одамон бинобар ба қоидаҳои гигиенӣ риоя накардан аз кирм сироят меёбанд. Шахсони беҳаракат, беқувват ва гирифторони дарди шикам эҳтимолан кирми рӯда доранд. Тозагии муҳити атроф роҳи асосии пешгирии сироятёбӣ аз кирмҳост.

- Ана ҳамин эҳтимолияти гуфтаатон аст, набошад, зиёд шахсонеро вомехӯрем, ки дар як рӯз чанд бор дасту рӯй мешӯянду муҳити атрофашон мисли оина аст, вале аз шикамдард шикоят мекунанд.



Бехрӯз ЗЕВАРОВ,
продюсер, бунёдгузори “Tamoshow”

- Барои ҳар як ҳунарманд доштани продюсер хеле муҳиму зарурӣ мебошад. Чунки продюсер муаррифгари ҳунару санъати ҳар соҳибистеъдод ба шумор рафта, маҳз ӯ метавонад доираи алоқамандони дилхоҳ ҳунармандро зиёд гардонад.

- Аз рекламаи пӯшидаатон маълум аст, ки продюсери ҳирфаӣ ва ҳатто соҳибкори доно ҳам ҳастед. Агар рақами телефонатонрҳо ҳам менавиштед, ҳунармандон бештар муроҷиат мекарданд.

ҶАҲИШИ НАВБАТИИ НАРХ

Айб дар сардӣ, монополия ё табиӣ?

Дар пайи сардиҳои охир нархи сӯзишворӣ дар Тоҷикистон боз майли болоравӣ дорад. Ронандагон нигарон аз он ҳастанд, ки ин қимматӣ идома дораду масъулини танзиму назорати бозор пеши роҳи онро намегиранд. Гароншавии нархи сӯзишворӣ, махсусан гази моеъ ба бозор ҳам таъсир мерасонад. Зеро беш аз 70 фоизи мошинҳо аз газ истифода мебаранд…



Ҳолати воқеӣ

Тавре ба мушоҳида мерасад, ҳафтаҳои охир боришоту сардӣ талабот ба гази моеъро зиёд кардааст. Нархи як литр газ дар таблоҳои фурӯш якбора ба 7 сомонӣ дакка хӯрд. Қаблан ин навъи сӯзишворӣ 6,5 сомонӣ буд. Ин дар ҳолест, ки дар ҳамин шабу рӯзи соли гузашта нархи 1 литр газ ҳудуди 4 сомонӣ буд. Дар бархе аз нуқтаҳои сӯзишворӣ тағйирёбии нархи гази моеъро ба арзиши воридоти он рабт медиҳанд.

"Нархи воридоти яклухти ҳар кило гази моеъ аз 10,2 сомонӣ ба 10,6 сомонӣ баланд шуд. Ин ҳолат ба нархи фурӯши чаканаи мол бетаъсир буда наметавонад",- гуфт як масъули нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ.

Ба мушоҳидаҳои ронандаҳо, дар баробари газ арзиши бензин ҳам каме боло рафтааст. Аммо талабот бештар ба газ аст ва дар нуқтаҳои сӯзишворӣ мошинҳо барои гирифтани газ навбат мепоянд. Сӯзишвории дизелӣ бошад, дар сатҳи 11,4 сомонӣ қариб бетағйир мондааст. Шояд ин навъи сӯзишворӣ ҳам пас аз оғози кишти баҳорӣ ва афзоиши талабот ба он боло равад?

Монополия дар бозор?

Тавре мушоҳида мешавад, дар Тоҷикистон нархи сӯзишворӣ, махсусан газ ноустувор аст. Азбаски беш аз ҳафтод дарсади мошинҳо аз ин навъи сӯзишворӣ истифода мебаранд, нарх муътадил нест. Бархе болоравии нархи сӯзишвориро ба монополия шудани бозор рабт медиҳанд. Зеро ин соҳаи сердаромад асту доираи муайян идора мекунанд. Ин назари мардум аст. Аммо масъулини Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон - ниҳоде, ки танзиму назорати бозорро ба зимма дорад, мавҷудияти монополияро дар воридоти гази моеъ рад мекунанд.

"Аз понздаҳ ширкате, ки ба Тоҷикистон гази моеъ меоранд, ҳар яке аз онҳо аз як то дувоздаҳ дарсади гази моеъ ворид мекунанд. Ҳеҷ яке аз онҳо тибқи қонуни зиддиинҳисорӣ мавқеи ҳукмфармо надорад",- мегӯяд Зафар Наҷотов, намояндаи Хадамоти зиддиинҳисорӣ.

Тибқи иттилои Хадамоти зиддиинҳисорӣ, соли гузашта понздаҳ ширкати ватаниву хориҷӣ ба кишвар 411 ҳазор тонна гази моеъ ворид кардаанд. Ин дар ҳолест, ки талаботи солона ба гази моеъ дар Тоҷикистон 410 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Бояд ёдовар шуд, ки соли гузашта Тоҷикистон беш аз 70 дарсади гази моеъро аз Қазоқистон, тақрибан бист дарсад аз Русия ва чор дарсад аз Ӯзбекистон овардааст. Яъне, Қазоқистон таъминкунандаи асосии газ дар Тоҷикистон аст. Тобистони соли гузашта Қазоқистон ҳам содироти газро маҳдуд карда буд. Вале Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон гуфт, тасмими манъи содирот ба ширкатҳое, ки қарордоди давлатӣ доранд, дахл надорад. Яъне, ин ба Тоҷикистон мушкил намеорад. Аз ин бармеояд, ки ҳоло бозори гази Тоҷикистон ба дасти Қазоқиистон аст.

Бензинро кадом ширкат меорад?

Мувофиқи маълумоти ахир, асосан ба Тоҷикистон ду ширкат - ҶДММ "Газпромнефт-Тоҷикистон" ва ҶДММ "Ориё-тиҷорат" иҷозати воридоти бензинро доштаанд. Танҳо ин ду ширкат аз мақомоти Тоҷикистандарт шаҳодатномаи ворид намудани бензинро гирифтаанд. Шояд хонанда савол диҳад, ки Тоҷикистандарт чӣ иртибот ба ворид кардани сӯзишворӣ дорад? Охири соли 2023 вакилони парлумони Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" тағйирот ворид карданд. Дар асоси тағйироти ба қонун воридшуда, шаҳодатномаи ворид кардани бензин аз ҷониби Агентии "Тоҷикстандарт" баъди пардохти беш аз 4,3 млн сомонӣ ё 60 ҳазор нишониҳанда барои ҳисобҳо дода мешавад. Як нишондиҳанда дар соли 2024 ба 72 сомонӣ баробар аст. Ғайр аз ин, барои баррасии ариза зимни гирифтани шаҳодатнома 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт бояд шавад.

(Давомаш дар саҳ.7)

ШИТОБЕД! СОҲИБИ ГРАНТ ШАВЕД!

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон барои дарёфти гранти президентӣ барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ озмун эълон кардааст.

Он аз 20 грант ибора буда, ҳар яке 25 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Довталабон бояд аз 1-уми март то 1-уми апрели соли равон дар ариза ба унвони раиси комиссия маълумот дар бораи ҳунарманд, маълумотнома аз маҳали истиқомат, инчунин, бояд ҳуҷҷати соҳибкорӣ ва лоиҳаи асосноккардашуда дар бораи самти фарогирии ҳунар манзур кунанд.

Довталабон хуҷҷатҳоро бояд ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки дар суроғаи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ 5/2 ҷойгир аст, пешниҳод кунанд.

Ёдовар мешавем, ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои 2024 - 2026 барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунарҳо 60 гранти Президенти Тоҷикистон дар ҳаҷми 1,5 млн сомонӣ таъсис дода шуд. Ҳар як грант 25 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла:

- дар соли 2024 - 20 грант ба маблағи 500 000 сомонӣ;
- дар соли 2025 - 20 грант ба маблағи 500 000 сомонӣ;
- дар соли 2026 - 20 грант ба маблағи 500 000 сомонӣ.

ЯК ХАБАРУ ДУ НАЗАР



Азим ИБРОҲИМ,
вазири нақлиёти Тоҷикистон

ИҶОЗАТНОМА 300 СОМОНӢ Ё 130 ДОЛЛАР?

Бо гузашти як моҳ мушкили ронандагони мошинҳои борбар дар сарҳади Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ҳал нашудааст. "Тоҷикистон" вобаста ба ин қазия чанде пеш матлабе навишта буд. Ронандагон мегӯянд, ки қаблан бар ивази 50-60 доллар гузарнома гирифта, борашонро аз гузаргоҳи марзӣ мегузаронидаанд. Ҳоло нархи ин ҳуҷҷат ба 130 доллар расидааст. Вале мақомоти кишвар мегӯянд, ки мушкил ҳал шудааст.



Ашӯрбой МАҶИДОВ,
рононда

Мо аз мушкиле, ки дар марз ҳаст, огоҳем. Ин гузарномаҳоро мо чоп намекунем. Инҳо аз кишвари ҳамсоя меоянд. Баъд аз оне, ки гузарномаҳо меоянд, мо онҳоро ба ширкатҳо тақсим мекунем. Нархи давлатии рухсатнома барои гузаронидани молу коло аз сарҳад 300 сомонӣ аст. Шояд дар инҷо "омилҳои инсонӣ" вуҷуд доранд, ки нархҳоро баланд мекунанд. Мо ин қазияро пайгирӣ мекунем.

Охири моҳи январ дар марз барои гирифтани рухсатнома мушкилӣ эҷод шуда буд. Мо ба ҳамон ҷо рафта, бевосита рухсатномаҳоро тақсим кардем. Ва шиддат дар байни ду рӯз вобаста ба рухсатнома бардошта шуд.

Мо дар наздиктарин фурсат гирифтани рухсатномаро тариқи пардохти ғайринақдӣ роҳандозӣ хоҳем кард. Вақте пардохти ғайринақдӣ амалӣ шуд, ҳолатҳои ғайриқонунӣ аз байн мераванд.

Мушкили гирифтани рухсатнома то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Мо ба хотири он ки борҳоямон вайрон нашавад, маҷбурем бар ивази 130 доллар онро харида, марзро убур кунем.

Шояд ширкатҳои иҷозатномадиҳӣ нархро боло бардоштанд, аммо ин барои мо маълум нест. Бояд вазири нақлиёт ва Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт ин мушкилро ҳал кунанд. Зеро нархи рухсатнома ҳар рӯз дигар мешавад.

Ҳоло гирифтани рухсатнома ҳам душвор шудааст. Кадом ширкате, ки бисёр мошин дорад, аз вазорат бисёртар рухсатнома мегирад. Нафаре, ки "таға" дорад, мушкил надорад. Мо ки бе "таға"-ем, дар азобем.



AP

Владимир Зеленский, президенти Украина бори аввал талафоти неруҳои кишварашро дар ҷанг бо Русия эълон кард. Ӯ 25-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки 31 ҳазор сарбози украинӣ ба ҳалокат расидаанд.

Аммо ӯ теъдоди сарбозони захмӣ ва бедаракшуда, ҳамчунин аҳолии дар ҷанг кушташударо нагуфт. Охири соли 2023 Сергей Шойгу, вазири мудофиаи Русия гуфта буд, ки 383 ҳазор сарбозу афсари Украина кушта ва захмӣ шудаанд. Зеленский бошад, талафоти Русияро дар ҷанг 500 ҳазор нафар баршумурд.



REUTERS

Барномаи ҷаҳонии озуқаи СММ эълом кард, ки тақсими маҳсулоти ғизоӣ дар навори Ғаззаро қатъ кардааст.

Раҳбари барнома Синди Маккейн гуфт, ки ин тасмим дар пайи ғоратгариҳо ва ҳамлаи сокинони маҳаллӣ ба кормандони созмон гирифта шуд: “Гурӯҳи одамони гурусна ба мошинҳои боркаше, ки барои гурезаҳо ғизо мебаранд, ҳамла карда, мехоҳанд ғорат кунанд... Дар ин ҳолатҳо мо наметавонем амнияти кормандони худ ва онҳоеро, ки барои гирифтани ғизои бепул меоянд, таъмин кунем, бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки тақсими маҳсулоти ғизоӣ дар Ғазза бас шавад”.



БЕЛТА

Александр Лукашенко дар интихоботи қарибулвуқуъи президентӣ, ки соли 2025 баргузор мешавад, ба ҳайси номзад иштирок хоҳад кард.

Ӯ дар ҳошияи интихоботи вакилони мардумӣ дар Беларус гуфт, ки нияти иштирок дар интихоботи соли ояндаро дорад. “Президентӣ дар Беларус кори хеле душвор аст. Ва на ҳама қодиранд, ки ин корро кунанд”,- гуфт вай. Соли 2020 Лукашенко бо дарёфти 80,1%-и овозҳо бори шашум курсии президентиро соҳиб шуд, ки ин боиси норозигии мардум ва тазоҳуроти оммавии мухолифин гардид.

АКСУ НАВОР ЗАРАР ДОРАД!

2 дастури баҳсбарангези Толибон

Аз ҷамъомадҳои расмӣ ва ғайрирасмии Толибон аксу навор бардоштан манъ шуд. Дар ин бора дастури намояндаи ин гурӯҳ дар Қандаҳори Афғонистон содир шуда, ба расонаҳо ҳам дастрас гардидааст.



tolo

Тулуъ менависад, ки Мулло Ширин Охунд, волии тозатаъйини Толибон (ташкилоти террористии фаъолияташ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар мамнуъ,- ред.) дар вилояти Қандаҳор ин дастурро содир кардааст.

Дар ин дастур ба масъулини маҳаллӣ ва низомиёни Қандаҳор гуфта мешавад, ки ба таври қатъӣ аз аксу наворбардорӣ худдорӣ кунанд, “зеро он аз фоида дида, бештар зарар дорад”.

Ӯ дастур додааст, ки пас аз ин аз ҳама ҷамъомадҳои расмӣ ва ғайрирасмии худ танҳо матн ва садо (аудио) нашр ва дастраси рӯзноманигорон кунанд.

Расонаҳои Афғонистон манъи акс ва наворбардорӣ дар нишастҳои расмӣ ва ғайрирасмии Толибонро “амали ғайриқонунӣ ва ниҳоят ақибмонда” медонанд.

Маркази хабарнигорони Афғонистон ҳам менависад, ки ин дастур боиси афзоиши маҳдудият дар озодии баён, афзоиши худсензура ва хеле кам шудани дастрасӣ ба иттилоот аст.

РОҲИ ЗАНОН БА ВАО БАСТА ШУД!

Ин наҳустин маҳдудияти Толибон дар бахши рӯзноманигорӣ дар Афғонистон нест ва сензураи ин гурӯҳ рӯз то рӯз беш мешавад.

AFJC *afjc.media менависад, ки рӯзи 25-уми феврал Абдулрашид Умарӣ, фармондеҳи амниятии Толибон дар Хуст, тамоси духтарону занон бо радиову телевизионҳоро манъ кард. Дигар дар ин вилоят бонувон наметавонанд бо рӯзноманигорон тариқи телефон ҳамсуҳбат шаванд. Инчунин, занҳо наметавонанд ба радиову телевизионҳо мактуб нависанд ва дар сурати навиштани мактубу хонда шудани он аз ҷониби рӯзноманигор ҳарду ҷониб ҷазо мегиранд.*

Сергей Шойгу:

ВАЗЪИЯТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ПЕЧИДА АСТ



Вазири мудофиаи Русия Сергей Шойгу гуфт, ки вазъ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба далели таҳдидҳои Афғонистон печида боқӣ мемонад.

ТАСС

ТАСС менависад, ки Шойгу дар ин бора 27-уми феврал дар як нишаст дар Вазорати мудофиаи Русия изҳорот додааст. Манбаъ аз қавли Шойгу менависад, ки “вазъ дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз печида аст ва таҳдиди аслӣ аз Афғонистон аст”.

Вазири мудофиаи Русия гуфт, ки ДИИШ (ташкилоти террористии фаъолияташ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар мамнуъ,- ред.) дар як соли ахир неруи ҷангҷӯёни худро 15 дарсад афзоиш додааст.

Ба таъйиди Шойгу, ДИИШ дар пайи густариши ақидаҳои ифротӣ дар Осиёи Марказӣ ва анҷоми фаъолиятҳои тахрибкорӣ дар марзҳои ҷанубии Сохмони Паймони Амнияти Дастҷамъӣ аст.

"Ҳадафи аслии онҳо паҳн кардани ақидаҳои ифротӣ ва анҷом додани фаъолиятҳои тахрибкорӣ дар марзҳои ҷанубии СПАД аст",- гуфтааст Шойгу.

Ҳамчунин, Шойгу афзудааст, ки соли 2024 Ҳавзаи марказии ҳарбии Русия талошҳоро барои рафъи вазъи буҳронӣ дар Осиёи Марказӣ равона карда, дар 7 тамрин дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ширкат хоҳад кард.

ДУХТАРИ НАВОЗ ШАРИФ САРВАЗИР ШУД

Марям Навоз - духтари Навоз Шариф, раҳбари ҳизби Лигаи мусалмонон ба симати сарвазири иёлати Панҷоби Покистон интихоб шуд.

DAWN نیوز

“Дон” - нашрияи покистонӣ менависад, ки Марям Навоз рӯзи 26-уми феврал дар маросиме бо ҳузури падараш савганд ёд кард. Бино ба гузориши ин расона, дар ин маросим Марям Навоз таъмини амнияти занон ва ҷилавгирӣ аз озори онҳоро авлавият донист.



Вай бо таъкид ба таъсиси як телефони вижа барои кумак ба занон гуфт, ки "азияти занон хати сурхи Марям Навоз аст".

Марям Навоз нахустин занест, ки ба мақоми сарвазир ё худ вазири аршади иёлати Панҷоб, пураҳолитарин иёлати Покистон интихоб шуд.

Қабл аз ин дар ин вазифа падараш Навоз Шариф ва амакаш Шаҳбоз Шариф низ кор кардаанд.

▸▸ *Нуфус*

ПЕШСАФӢ ДАР ОМОРИ ТАВАЛЛУД

Душанбе аз рӯи шумораи таваллуд дар Тоҷикистон пешсаф шудааст. Дар ин бора Агентии омори кишвар хабар медиҳад.



Ба иттилои ин ниҳод, шумораи аҳолӣ дар соли 2023 дар Тоҷикистон 2% афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, бо назардошти бақайдгирии таваллуд, фавт ва муҳоҷират теъдоди аҳолӣ то 1-уми январи соли 2024 беш аз 10 миллионро ташкил додааст.

Афзоиши аҳолӣ, тибқи маълумоти пешакӣ, дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 нисбат ба соли 2022-юм 3,9 фоиз афзудааст.

Бояд гуфт, ки афзоиши бақайдгирии таваллуд дар ҳамаи минтақаҳо ба ғайр аз ВМКБ мушоҳида мешавад.

Ҳамин тариқ, давоми як соли охир бақайдгирии таваллуд дар вилояти Хатлон 5,5 фоиз, дар вилояти Суғд 2,8 фоиз, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,3 фоиз ва дар шаҳри Душанбе 7,4 фоиз афзудааст.

▸▸ *Варзиш*

ДУШАНБЕ МИЗБОНИ «GRAND SLAM»

Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе соли 2024 мизбони яке аз мусобиқаҳои Сайри ҷаҳонии ҷудо - «Grand Slam Dushsnbe» мегардад.




Бо ташаббуси раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ва раиси Федератсияи ҷудои Тоҷикистон Исмоили Маҳмадзоир дар ҳамоҳангӣ бо Федератсияи байналмилалии ҷудо шуруъ аз соли 2024 пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе мизбони яке аз мусобиқаҳои Сайри ҷаҳонии ҷудо - «Grand Slam» мегардад.

Аввалин мусобиқаи байналмилалии «Grand Slam Dushsnbe-2024» 3-5-уми май ба нақша гирифта шудааст.

Ёдовар мешавем, ки соли 2023 нахустин маротиба дар пойтахти Тоҷикистон «Dushanbe Grand Prix 2023» баргузор гардид, ки дар он ҷудочиёни 40 давлати ҷаҳон иштирок намуданд. Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон бо 3 медали тилло, 3 медали нуқра ва 1 медали биринчӣ дар садри ҷадвали ниҳоии мусобиқаи «Dushanbe Grand Prix 2023» қарор гирифт.

▸▸ *Фарҳанг*

АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОЙ КИТОБ АСТ...





Дар шумораи гузаштаи "Тоҷикистон" дар бораи мозайкаи "Шашмақом" матлабе ба нашр расида буд. Ин навишта моро ангеза дод, ки дар бораи деворанигораи бузурги дигари пойтахт ба шумо маълумот диҳем.

Оё медонед, муаллифи деворнигора ва ё асари монументалӣ, ки на танҳо бинои "Хонаи матбуот" ("Дом печать"), балки Душанберо зеб медиҳад, кист? Не? Ин асари бузург маҳсули заҳмати рассоми шинохтаи тоҷик Анваршо Сайфиддинов мебошад.

Анваршо Сайфиддинов Донишгоҳи санъати тасвирӣ ва театрии шаҳри Тошкандро бо ихтисоси рассом-монументалист хатм кардааст. Барои ӯ соли 1985 дар баробари таълим дар омӯзишгоҳи рассомӣ кори мувофиқе пайдо шуд. Ӯро ба офаридани асари калонҳаҷми монументалӣ ва ё мозайка, ки дар он даврон хело маъмулу машҳур буд, ҷалб мекунанд. Ба ӯ офаридани ана ҳамин асари рангину сангинро бовар мекунанд.

Омода кардани эскиз ё тарҳи ин лоиҳа як сол идома мекунад. Баъди тасдиқ рассом онро дар давоми се моҳ ба анҷом расонидааст. "Дар даврони шӯравӣ, вақте аз ҷониби Фонди бадеӣ кор медоданд, мо эскиз ё тарҳи онро пешниҳод мекардем. Комиссияи қабул амал мекард. Танҳо баъди қабул ба кор оғоз мекардем. Кор зина ба зина сурат мегирифт. Ин асарро ман бо ҳамсабақам Ҷалил Расулов анҷом додем. Ҳоло Ҷалил дар қайди ҳаёт нест",- мегӯяд Анваршо Сайфиддинов.

Рассом мегӯяд, ки дар даврони шӯравӣ Фонди бадеӣ барои анҷоми лоиҳаҳои бузурги ҳунарӣ ҳамаи шароитҳоро фароҳам меовард. Барои мисол, сангҳои ин асар аз Русия ворид мешуд.

Мазмун ва композитсияи ин деворнигораи калонҳаҷм идеяи Анваршо Сайфиддинов буд. Чун он дар пешдевори "Хонаи матбуот" офарида мешуд, рассом ба он "Аниси кунҷи танҳой китоб аст..." номгузорӣ мекунад. Ӯ мегӯяд: "Имрӯз, бинед, ки он идеяи мо шиор шудааст ва як озмуни калони ҷумҳуриявӣ ҳамасола баргузор мешавад бо ин ном".

Анваршо Сайфиддинов ба ёд меорад, ки барои ин асар дастмузди хубе гирифтааст: "Барои чунин лоиҳаҳо аз 500 рубл то 1000 рубли онвақта дода мешуд, ки он пули калон буд",- мегӯяд рассом.

Баъди итмоми ин асар Анваршо Сайфиддиновро ба шаҳри Владимири Россия даъват мекунанд. Ӯ дар он ҷо тарабхонаи шарқиро оро медиҳад.

Имрӯзҳо Арбоби ҳунари Тоҷикистон Анваршо Сайфиддинов фаъолияти эҷодиро дар дигар равияҳои ҳунарӣ идома медиҳад. Зеро дигар талабот ба асарҳои монументалӣ хеле кам аст. Чанде пеш дар шаҳри Душанбе намоиши асарҳои нави ӯ таҳти унвони "Нигоҳи пурасроре ба гетӣ" баргузор шуд, ки дар он 52 асари калонҳаҷм ва 12 асар дар жанри графика ба маъраз тамошо гузошта шуд.

Абдураҳмон РАҲМОНОВ,
журналист



Дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ соли 2024 дар шаҳри Душанбе Соли маърифати экологӣ эълон гардид.

Дар ин бора АМИТ «Ховар» бо истинод ба шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар дод. Ҳамзамон бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Душанбе ташаббуси «900 рӯзи ободонӣ» амалӣ мешавад.



Бахшида ба таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз бо қарори Раиси шаҳри Душанбе дар пойтахт барои дарёфти «Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе» Мусобиқаи 5-уми байналмилалии гӯштингирӣ баргузор мегардад.

Ҳадафи асосӣ аз гузаронидани ин мусобиқаҳои варзишӣ ташвиқу тарғиб ва рушду равнақи варзиш, таъмини оммавияти варзишу солимгардонии сокинони пойтахт ва дар сатҳи баланди ташкилӣ таҷлил намудани ҷашни миллӣ - Наврӯзи байналмилалӣ мебошад.



Маркази таҳлиливу иттилоотии вобастаи Идораи маорифи шаҳри Душанбе барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ китобхонаи электронӣ таъсис додааст.

Зафар Муродзода, роҳбари марказ хабар дод, ки китобхона фарогири беш аз 5000 номгӯй адабиёти омӯзишиву равишӣ, илмиву оммавӣ, бадеиву маърифатӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва инглисӣ буда, ҳаҷми умумии он ба 10 гигабайт мерасад. Аз китобхона корбарон тавассути компютерҳои ин ё он муассиса баҳра бурда метавонанд.

Гӯшаи нави **"ПОЙТАХТ"** дар ҳафтаномаи **"ТОҶИКИСТОН"** фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед. • **E-MAIL:** tojikiston@pressa.tj • PRESSA.TJ • **ТЕЛ:** 93-111-08-61

Ба таваҷҷуҳи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси ноҳияи Айнӣ



ЧАРО ДАР ЗОДГОҲАМОН ҲУҚУҚИ КОР КАРДАНРО НАМЕДИҲАНД?

Пешвои миллатамон дар баромадҳояшон пайваста таъкид мекунанд, ки барои мардум шароити созгор ба вуҷуд оварда шавад, то онҳо ҳам зиндагии худро пеш баранд ва ҳам дар ободии кишвар саҳм гузоранд, вале дар ноҳияи Айнӣ ин ҳарфҳо шунида намешаванд…



Мошинҳои бе рақами қайди давлатӣ, ки халтаҳои ангиштро бор карда бурданд

Дар мавзеи Кӯҳи Малики деҳаи мо, деҳаи Работи ноҳияи Айнӣ захираи табиии ангиштсанг мавҷуд аст, ки қабатҳои он давоми садсолаҳо сӯхта хокистар шудааст. Дар баъзе қабатҳои он ҳанӯз ҳам сӯхтор идома дорад. Фақат дар як қитъаи он як табақаи борики бараш 1 метр, баландиаш 100 метр ва чуқуриаш номаълум мавҷуд аст, ки алҳол насӯхтааст.

Аҳолии деҳаи Работ дар фасли зимистон аз ҳамин ҷо ангиштсангро канда истифода мебаранд. Бархе аз оилаҳо, ки ба муҳоҷират намераванд, ангишти кандаашонро мефурӯшанд. Аз даромади он мо ҳам зиндагиамонро пеш мебарем, ҳам барои ободиҳои деҳа, бунёди майдончаи варзишӣ дар деҳаи Работ, ободии бинои мактаб дар шаҳраки Зарафшон-2 саҳмгузорӣ карда, ба оилаҳои ниёзманди ҳудуди ҷамоат кумак кардаем.

Мушкили мо ин аст, ки иҷозатнома барои кандан ва фурӯхтани ангиштро надорем. Бинобар ин, чанд маротиба кормандони мақомоти андоз ва ҳифзи муҳити зисти ноҳия моро ҷарима кардаанд, ки маблағашро супоридаем. Мо борҳо аз ин ниҳодҳо хоҳиш мекунем, ки ба мо иҷозатнома диҳанд ва барои қонунӣ кардани фаъолияти мо маслиҳат диҳанд. Вале онҳо ба мо роҳе нишон намедиҳанд. Зиндагӣ маҷбур мекунад, ки мардуми камбизоат боз ҳам ангишиканиро давом медиҳанд.

Рӯзи 14-уми феврал ёрдамчии прокурори ноҳияи Айнӣ А. Салимзода, корманди идораи ҳифзи муҳити зисти ноҳия Чақонов ва ду корманди милитсия, ки нозири минтақа ҳастанд, соати 14:00 ба мавзеи Кӯҳи Малик омада, нисбати 5 нафарамон барои ҷарима санад (протокол) тартиб доданд. Мо ин дафъа ҳам бо сари хам санади ҷаримаро қабул кардем. Вале кор ба ҳамин тамом нашуд.

Ҳамон рӯз шабона соати 19:00 ёрдамчии прокурор, як корманди милитсия, бо сардори идораи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Айнӣ ду мошини боркаши HOWO-ро, ки бе рақами қайди давлатӣ буданд, оварданд. Ҳамроҳи онҳо ҳамчунин 3 шахси барои мо ношинос ҳам буданд. Ба ин ашхос супориш дода шуд, ки халтаҳои ангиштсангро ба мошин бор кунанд.

Аз ронандаҳои мошинҳои боркаш пурсидем, ки “бе рақами қайди давлатӣ аз кучо омадед?”. “Аз маркази ноҳия”,- посух доданд онҳо. Аз корманди прокуратура пурсидем, ки чӣ тавр ду мошини боркаш бе рақами қайди давлатӣ масофаи 30 километрро тай карда омадаанд? Ӯ гуфт: “Рақами мошинҳо дар дасти ман аст. Шумо чӣ ҳақ доред, ки ба ин кор дахолат мекунед. Ҳозир барои шантаж қава мекунам!”. Баъд мо ба хонаҳояамон рафтем.

Рӯзи дигар омадем, ки 1500 халта ангиштсанг дар ҷояш нест. Маълум мешавад, ки бор карда бурдаанд. Бо ин ҳам қаноат накарда, ҳамин ҳайат рӯзи 16-уми декабр дубора ба деҳа омада, боқимонда халтаҳои ангиштсангро, ки қариб 700 халта буд, бор карда бурданд.

Магар ин амали онҳо мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст?

Мо як гурӯҳ аҳолии деҳа ин ангиштсангҳоро дар муддати чандин рӯз канда, дар халтаҳо андохта, бо харҳои боркаш аз масофаи 2 километр бо азобу машаққат поён фароварда будем. Магар аз рӯйи инсоф аст, ки ҳам моро ҷарима кунанд ва ҳам бе ягон санад онро мусодира намоянд?

Мо дар ҳамин деҳа зода шуда, ба воя расидаем. Оё дуруст аст, ки ангишт сӯхта хокистар шаваду аз он касе баҳра набарад? Оё аз деҳаи худамон ангишт кандаву ниёзи оилаамонро таъмин кардан ҷиноят аст?

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки мушкили моро ҳал кунед. Барои мо мувофиқи қонун патент ё сертификат барои кандану фурӯхтани ангиштсангро бидиҳед, ки андози давлатро супорида, корамонро идома диҳем. Ҳам зиндагиамонро таъмин кунем, ҳам барои ободии ноҳия саҳмгузор бошем.

У. УСМОНОВ,
Ш. ШАРИПОВ,
А. БАДАЛОВ,
ҷамъ 30 нафар истиқоматкунандагони деҳаи Работи ҷамоати деҳоти ноҳияи Айнӣ

ДИҚҚАТ! ОЗМУН!

“ДОСТОНИ ТАВЛИДИ ТОҶИКИСТОН”

Ибтидои асри XX вазнинтарин даврa дар таърихи тоҷикон буд. Дар ин давра кӯшиши инкори мавҷудият ва муқимияти тоҷикон дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби гурӯҳҳои бадхоҳи миллати тоҷик роҳандозӣ шуд. Зери таъсир ва таҳдид ҳатто як иддаи тоҷикон бо онҳо пайвастанд. Бозиҳои сиёсии бузургдавлатон заминаи миллат барпо кардани ҷумҳуриҳоро ба миён оварда. Зеро он василаи хуби тафриқа андохтану ҳукумат рондан буд. Чунин ҳам шуд. Ҷойи мардуми муқимии шаҳрнишини тоҷик куҳистон - Тоҷикистони имрӯза дар ҳайати РСС Ӯзбекистон муқаррар мешавад. Ва он ҳам бар асари ҷонбозиҳо ва фидокориҳои фарзандони фарзонаи миллат.

Ин моҳи октябри соли 1924 буд, баъдтар соли 1929 Тоҷикистон ҷумҳурии алоҳида дар ҳайати ИҶШС ва соли 1991 соҳибистиқлол шуд.

Ҳарчанд китобу мақолаҳои зиёде дар ин бора навишта шуда бошанд ҳам, саҳифаҳои торики тавлид ва такмили давлат ва далатдории тоҷикон дар ин давраи таърихӣ зиёд аст.

Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба саҳифаҳои норӯшани таърих, ҷоннисориҳои фарзандони асил, зиндагиномаи онҳо… ҳафтаномаи “Тоҷикистон” тасмим гирифт бахшида ба 100-солагии давлати Тоҷикистон (ҳарчанд мо соли 1991 истиқлоли воқеӣ ба даст овардем) озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро роҳандозӣ кунад.

Дар он ҳар нафар бо навиштаҳояш (лавҳа, очерк, мақола, хотирот, мусоҳиба, таърихча ва ғайра) дар бораи лаҳзаҳо, аснодии таърихӣ, сарнавишти онҳое, ки барои бунёди давлати Тоҷикистон талош ва ҷонбозӣ карданд, метавонад ширкат варзад.

БАРОИ ҒОЛИБОН СЕ МУКОФОТ МУҚАРРАР ГАШТААСТ:

Ҷойи аввал 5 000 сомонӣ
Ҷойи дуюм 3 000 сомонӣ
Ҷойи сеюм 2 000 сомонӣ

Ҳамчунин, ғолиби ҷои аввал бо Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи “Тоҷикистон” - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳи Шерализода сарфароз мегардад.

Озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон” то моҳи октябр идома меёбад ва дар арафаи 100-солагии таъсиси Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Маводҳои беҳтарин дар шакли китоб чоп мешаванд.

Ҳамчунин бо муаллифони маводи баргузида мусоҳибаи видеоӣ анҷом дода мешавад.

Дар маводҳои пешниҳодшуда навиштори барои “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро фаромӯш накунед.



Маводҳои худро ба суроғаи электронии
tojikiston@pressa.tj
фиристед.

Телефон барои маълумот:
933507020

ТАҲСИЛИ СИНФИ 10-11 ҲАТМӢ ШУД

Аз шарҳи масъулин то назари мардум

Ахиран ба Қонун "Дар бораи маориф" тағйирот ворид шуд. Дар асоси он таҳсили хонандагон дар синфҳои 10 ва 11 (таҳсилоти миёнаи умумӣ) ҳатмӣ аст. Хонандагон дар сурати қатъи таҳсил бояд омӯзишро дар коллеҷу техникумҳо идома диҳанд. Тағйироти нав ба қонун 20-уми феврал аз ҷониби вакилони парлумони кишвар қабул шудааст.



Таҳсили 34 200 хонанда ҳал шуд

Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон зимни муаррифии лоиҳаи қонун дар назди вакилон гуфт, ки "бо ҳатмӣ гардонидани таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи ба таҳсил фаро гирифтани 34 200 нафар хонанда ҳалли худро меёбад".

То ин замон баъди хатми синфи 9 таҳсил дар Тоҷикистон дигар ҳатмӣ набуд. Тибқи омори ба даст омада 86 дарсади писарон таҳсили ғайриҳатмиро идома дода, духтарон бошанд, танҳо 68 дарсад аз чунин имконият истифода мекарданд. Ин таносуб миёни писарон ва духтарон бисёр калон аст.

2 аҳамияти қонун

Вакили Маҷлиси намояндагон Файзулло Баротзода дар шарҳи ин масъала чунин гуфтааст: «Ба андешаи мо, зарурати ворид намудани тағйирот ба қонуни мазкур аз ду ҷиҳат муҳим аст:

ЯКУМ, дар шароити кунунии рушди бесобиқаи техникаю технология ва табодули маълумот фарогири танҳо таълими умумии асосӣ будан барои ҷавондухтарону ҷавонписарон басанда нест.

ДУЮМ, то ҳанӯз сатҳи пасти донишҳои дунявию эътиқодӣ ва аз рӯи пастмаърифатию беэҳтиётӣ паёмак додани ҷавонони ноогоҳ ба сомонаҳои ташкилотҳои мамнӯи террористию экстремистӣ боиси гирифторию саргардонӣ, зиндону маҳбас шудан ва гоҳо ба ҳалокат расидани онҳо мегардад".

Вакилон чӣ гуфтанд?

Насиба Содиқӣ, вакили парлумон бо ҷонибдорӣ аз лоиҳаи қонун баромад карда, гуфт, ки минбаъд хонандагон аз синфи 10 ва 11 барои кирдорашон аз мактаб хориҷ карда намешаванд, ки "ин ҳам барои зиёд намудани масъулияти муассисаҳои таълимӣ ва волидайн бахри дур нашудани хонандагон аз таҳсил равона карда шудааст".

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода вобаста ба масъалаи баррасишаванда чунин гуфт: "Таҳсили ҳатмӣ дар синфҳои 10 ва 11 ё дар коллеҷу техникумҳо ба хонандагон имон медиҳад, ки соҳиби шаҳодатнома оид ба доштани касб шаванд, ки ин барои рафтани онҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ беҳбудӣ меорад".

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ чӣ мегӯянд?

Мамлакат Музаффарова

- Ман худ муаллима будам, аммо талабагони ҳозира аз пештара нафақат бо хониш, аз чиҳати одоб низ фарқ мекунанд. Онҳо миёни ҳам дағалона муносибат карда, дар синфи 10-11 дар дарсҳо кам иштирок менамоянд. Кам нестанд синфҳои болоихон, ки бо худ асбобҳои зарраррасон гирифта мегардонанд.

Сайраҳмон Назриев

- Таҳкурсии хонанда аз синфҳои поёнӣ хуб нашавад, агар 15-сола шавад ҳам, таҳсил натиҷае намедиҳад. Фикр мекунам бештар ба сифати таълим аҳамият диҳем, бехтар аст аз он ки соли таҳсилро зиёд кунем.

Ҳоло дар Тоҷикистон наздики 4 ҳазор мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъоланд, ки дар онҳо бештар аз 2 миллион хонанда таҳсил мекунанд.

Бояд гуфт, ки таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон тавассути мактабҳо дар се зина - ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад. Қаблан ду зинаи таҳсил ҳатмӣ ва зинаи сеюм тибқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқи хонандагон сурат мегирифт.

Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА,
"Тоҷикистон"



«Амонатбонк» ҳамкориро бо Институти ҷаҳонии бонкҳои амонатгузорӣ ва чакана (WSBI) тақвият медиҳад.

Бо ин мақсад раиси «Амонатбонк» Алиҷон Салимзода бо директори Институти ҷаҳонии бонкҳои амонатгузорӣ ва чакана Питер Саимонс мулоқоти маҷозӣ анҷом дод. Ҷонибҳо аз ҳамкории дуҷониба изҳори қаноатмандӣ намуданд. Гуфта шуд, ки дар ояндаи наздик нақшаи кории муштарак таҳия шуда, ҷонибҳо муносибатҳои шарикиро дар сатҳи нав тақвият медиҳанд. «Амонатбонк» аз соли 2004 узви WSBI мебошад.



Нархи озуқа дар Тоҷикистон соли гузашта 3,4%, маҳсулоти ғайриозуқа 6,6% ва хизматрасонӣ 1,2% гарон шуд.

Муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Аҳлиддин Нуриддинзода мегӯяд, ки соли 2023 таваррум дар сатҳи муътадил боқӣ монда, дар умум 3,8%-ро ташкил медиҳад, ки поинтарин нишондод дар солҳои охир аст. Дар байни маҳсулоти озуқаворӣ ҷаҳиши нисбатан баланди нарх ба шакар (28%) ва мевагӣ (33%) рост омадааст. Афзоиши нархи маҳсулоти қаннодӣ дар сатҳи қариб 12% аст.

ҶАҲИШИ НАВБАТИИ НАРХ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Илова бар ин, ҳамасола 60 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё беш аз 4,3 млн сомонии дигар барои фаъолият пардохт бояд кард.

Русия содироти бензинро манъ кард

Ин ҳафта хабар расид, ки Сарвазири Русия Михаил Мишустин манъи содироти бензинро давоми ним соли 2024 - аз 1-уми март ҷонибдорӣ намуд. Бино ба иттилои расонаҳои Русия, манъи муваққатӣ ба содирот ба ҳаҷмҳои мувофиқашуда ба кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Муғулистон, Ӯзбекистон, Абхазия ва Осетияи Ҷанубӣ дахл намекунад.

Бо пешниҳоди ҷорӣ кардани манъи муваққатии содироти бензин муовини сарвазир Александр Новак ба Мишустин муроҷиат кардааст. Ӯ дар номаи худ аз 21-уми феврал зикр кардааст, ки ба зудӣ дар бозори дохилӣ мавсими афзоиши талабот ба сӯзишворӣ оғоз мешавад. Ин ба давраи киштукори баҳорӣ, таъмири нақшавӣ дар корхонаҳои коркарди нафт ва ҳамчунин рухсатиҳои тобистона марбут аст.

"Баҳри танзими талабот ба маҳсулоти нафтӣ, бояд чораҳо андешида шаванд, то ки ҷиҳати ба эътидол овардани нархҳо дар бозори дохилии маҳсулоти нафтӣ мусоидат кунанд",- навиштааст Новак ва инро бо маълумоти мониторинги нархҳо дар бозори сӯзишворӣ асоснок кардааст. Ба андешаи Новак, дар чунин вазъият баланд бардоштани меъёрҳои савдои маҳсулоти нафтӣ дар биржа ва ҷорӣ кардани манъи содироти сӯзишворӣ чораҳои муассир хоҳанд буд.

Аммо дар пайи ин гуна маҳдудияти содирот, маҳсулоти нафтӣ, аз ҷумла бензин ба Тоҷикистон асосан аз Русия ворид карда мешавад. Аз соли 2013 маводи сӯзишворӣ ба Тоҷикистон дар асоси имтиёз (бидуни бочи содиротии гумрукӣ) оварда мешавад. Вазоратҳои энергетикаи ду кишвар то 1-уми октябр ҳаҷми истифодаи дохилиро дар Тоҷикистон барои соли оянда мувофиқа карда, дар бораи интиқоли ҳаҷми мушаххаси маҳсулоти нафтии Русия ба ҷумҳурӣ қарордод (тавозуни индикативӣ) ба имзо мерасонанд.

Аммо то кучо ин тасмими Русия ба Тоҷикистон таъсир мерасонад, масъулини ниҳодҳои блоки иқтисодии кишвар чизе нагуфтаанд.

Вале мусаллам аст, ки ҳоло бозори сӯзишвории кишвар танзиму назорат мехоҳад. Чун мавсими киштукори баҳорӣ оғоз шавад, табиист, ки нархи сӯзишворӣ майли болоравӣ мекунад. Ин воқеиятест, ки чанд соли охир дар мавсими баҳор мушоҳида мекунем. Беҳуда нагуфтаанд, ки "илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ" аст.

Усмон РАҲИМЗОДА



Сегонаи давлатҳои калонтарин сармоягузор дар Тоҷикистон эълон шуд: Қазоқистон, Чин ва Русия.

Хуршедаи Қодир, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон зимни муаррифии дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар Душанбе гуфт, ки Қазоқистон беш аз 220 млн доллар, Чин беш аз 130 ва Русия қариб 100 млн доллар ба Тоҷикистон сармоягузорӣ намудаанд. Дар маҷмуъ, соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон 2,7 млрд долларро ташкил дода, дар муқоиса бо нишондоди соли қаблӣ 114 млн доллар зиёд аст.

Афзалшо Шодиев:

БА ДУ ҚУВВАИ БУЗУРГ ТАКЯ МЕКУНАМ!

1-уми феврали соли равон дар шаҳри Ню-Йорки Амрико консерти Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Афзалшо Шодиев баргузор шуд. Қарор аст, ки 8-уми март дар “Кохи суруш”-и шаҳри Душанбе барномаи нави ҳунарманд сурат бигирад.

Ҳафтаи равон устод Афзалшо Шодиев меҳмони барномаи “РӮ ба РӮ”-и ютубканали pressa.tj буд ва ба суолҳои хабарнигори мо посух гуфт. Фишурдаи ин суҳбтро пешкаши шумо мекунем. Шакли комили мусоҳибаро дар ютуб канали pressa.tj тамошо кунед.

Ёди Давлатманду Лоиқ

Суҳбати мо бо устод Афзалшо Шодиев бо ёди фалаксарои номвар, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов, ки чанд рӯз пеш аз олам даргузашт, оғоз шуд. Ҳамсуҳбати мо аз марҳум чунин ёдоварӣ намуд:

- Марги устод Давлатманд Холов талафоти азим барои санъати тоҷик аст. Ман яке аз дӯстони қаринамро аз даст додам. Бо устод беш аз 40 сол дӯст будем. Моро устод Лоиқ шинос карда буданд. Бори аввал, консерти ширу шакари устод Лоиқ бо Давлатманд Холов дар Кӯлоб баргузор мешуд. Устод гуфтанд, ки ту ҳам ҳамроҳи ман ба Кӯлоб меравӣ. Аз Душанбе ҳамроҳ рост ба хонаи акаи Давлатманд рафтем. Модарашон моро пешвоз гирифта, меҳмондорӣ карданд. Барномаи “Ширу шакар” низ дар сатҳи баланд мегузашт. Дар ҳамин маҳфил устод Лоиқ “Ман имрӯз писархондамро овардам, то ки аз имтиҳони шумо гузарад” гӯён, навбатро ба ман доданд. Ман он ҷо 2 суруд хондам. Бо талаби мардум ду суруди дигар хондам. Акаи Давлатманд гуфтанд, ки ту аз имтиҳони мардуми Кӯлоб гузаштӣ. Ҳамин тавр, дӯстии мо солҳо идома дошт. Бо ҳам ҳамкории эҷодӣ доштем. Ҳамроҳ ба кишварҳои мухталифи олам сафар кардем. Устод Давлатманд Холов фалакро аз кӯҳистони Кӯлоб аввал дар саросари Тоҷикистон тарғиб карданд ва баъдан то ба саҳнаҳои ҷаҳон бурданд. Хушбахтона, эшон дар ансамбли давлатии “Фалак” мактаберо ба вуҷуд оварданд, ки он пайравони зиёд дорад. Яке аз ин пайравон фарзандашон Лоиқшо аст, ки имрӯз сароянадаи шинохтаи кишвар мебошад. Гуфтан бамаврид аст, ки ман дар номгузорӣ шудани Лоиқшо ҳам ширкат доштам. Он солҳо телефони мобилӣ набуд. Як бегоҳ акаи Давлатманд занг зада гуфтанд, ки дар хонаи ман писар таваллуд шуд. Устод Лоиқро бигиру биё. Рӯзи дигар бо устод ба Кӯлоб рафтем ва эшон номашонро ба кӯдаки навзод доданд...

Тоҷикон дар Амрико мавқеъ меёбанд

- Устод, яке аз воқеаҳои фараҳбахши оғози сол баргузории консерти шумо дар Амрико буд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ шоҳиди шодиву хурсандии тоҷикони Амрико будем, ки дар консерти шумо ширкат доштанд. Дар бораи ин консерт чанд ҳарф бигӯед.

- Ин консерт бидуни нақша баргузор шуд. Вақте ба рухсатии меҳнатӣ баромадам, ба хабаргирии набераҳоям ба Амрико рафтам. Бовар кунед, вақте дар фурудгоҳи Ню-Йорк пиёда шудам, як гурӯҳ бачаҳои тоҷик маро бо гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Миёнашон ровии телевизион Талабшо Муқимов, ҳамсабақам Неъматулло ва чанд нафари дигарро шинохтам. Онҳо гуфтанд, ки диаспораи тоҷикони Амрикоро таъсис додаанд, дар ғаму шодии якдигар шариканд. Бисёр хурсанд шудам. Ҳамчунин, гуфтанд, ки барои ману оилаам бо тамоми шароитҳояш хона омода кардаанд. Ман, ки қабл аз сафар дар меҳмонхонаи “Рузвелт” ҳуҷра брон карда будам, аз онҳо хоҳиш кардам, ки иҷозат диҳанд, то як рӯз дар меҳмонхона монам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ду рӯзи дигар дар хонаи онҳо мондем. Рӯзи сеюм ман бояд ба шаҳри Хюстони штати Техас парвоз мекардам. Фарзандону набераҳои ман он ҷо зиндагӣ мекунанд. Вале қабл аз сафар бачаҳо пешниҳод карданд, ки дар Ню-Йорк консерт баргузор кунам. “Ин имкон надорад, зеро ман навозанда наовардаам” гуфтам. Онҳо гуфтанд, ки устод, шумо розӣ шавед, мо ҳама шароитро муҳайё мекунем. Ман розигӣ додам ва рӯзи баргузории консерт 1-уми феврал эълон шуд.

- Яъне барномаи шуморо худи тоҷикон созмон доданд?

- Бале. Ман коре накардаам. Рафтам назди набераҳоям. То 28-уми январ он ҷо мондам. Чанд шаҳри штати Техасро тамошо кардем, ба Мексика рафтем...

- Навозандагонро аз кучо пайдо кардед?

- Рӯзи 28-уми январ ба Ню-Йорк омадам, ки ҳама омода. Ҳамсабақам Неъматҷон дар синтезатор, Ӯктамҷони самарқандӣ - дойрадаст, Ҷаҳонгири тошкандӣ дар скрипка, Стас Калонтарови душанбегӣ, шогирди худам дар гитара... интизори ман буданд. 3 рӯз тамрин карда, консертро дар толори “Эмир Плас” дар сатҳи олӣ гузаронидем. Тоҷикони Тоҷикистон, ҳамчунин, тоҷикони Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Тошканд ва дигар шаҳрҳо тамошобинони консерт буданд. Бовар кунед, бисёр хурсанд шудам.



ИН САБТИ 17 СОЛ ПЕШ АСТ. КАДОМ ОДАМИ БАДХОҲ РУСТӢ НАВОР ГИРИФТА, ҲАР СОЛ ОНРО ДАР ШАБАКАҲО МЕГУЗОРАД. МАН АЗ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ХОҲИШ МЕКУНАМ, КИ ҲАМИН ОДАМРО КОФТА ЁБАНД. ИН ОДАМ КИСТ? ЧӢ МЕХОҲАД?...

Солҳои пеш, вақте ба Амрико мерафтам, дар Ню Йорк маро ҳамватанони яҳудиамон пешвоз мегирифтанд. Ҳоло бошад, бачаҳои тоҷик дар Амрико макому ҷойгоҳи хос пайдо кардаанд. Ширкатҳо ташкил кардаанд, дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд, хонаву дар ва мошинҳои нағз доранд. Аз ҳама муҳим, бо ҳам муттаҳид ҳастанд.

- Фарзандони шумо дар Амрико чӣ кор мекунанд?

- Донишгоҳҳоро тамом карда, ба тиҷорат машғуланд. Шукр, ки зиндагиашон нағз.

Худамро ҳунарманд намеҳисобам, агар...

- Шумо аз ҳунармандоне ҳастед, ки қариб 40 сол боз ба қавле аз мӯд намемонед. Асрори муҳаббати мардум ба ҳунари шумо дар чист?

- Инро бояд аз мардум пурсид. Шукр, ки 35 сол боз содиқона ба мардумам ва ба ватанам хизмат мекунам. Тӯли ин солҳо ҳамеша ба ду қувваи бузург - ба Худо ва ба халқ такя кардаам. Пайваста машғули эҷод ҳастам. Агар дар як сол 20-25 суруди нав эҷод накунам, худамро ҳунарманд эҳсос намекунам. Хушбахтона, сурудҳои маро мардум гӯш мекунанд. Ҳатто дар хориҷи кишвар. Як рӯз аз сафорати Кореяи Ҷанубӣ телефон карданд. Гуфтанд, ки дар Душанбе Рӯзҳои Кореяи Ҷанбуӣ баргузор мешавад ва як гурӯҳ навозандагони ин кишвар омадаанду оҳанги шуморо менавозанд. Рафтам, ки онҳо оҳанги “Ҷавонӣ рафт”-ро иҷро мекунанд. Дар майдони назди Театри Опера ва балет бо ин навозандаҳо ин сурудро иҷро кардем. Хеле ҷолиб буд. Дар Ҳиндустон сурудҳои маро мехонанд. Чанде пеш ба шаҳри Бопал рафта будем. Вақте ба театри қадимии шаҳр рафтем, чун фаҳмиданд, ки аз Тоҷикистонем, сурудҳои маро хонданд. Қаблан дар Деҳлӣ ҳам сурудамро шунида будам. Дар саросари Тоҷикистон шогирдони ман барои санъат хизмат мекунанд.

- Чанд сол қабл бо сарояндаи эронӣ эҷодиёти устод Рӯдакиро низ сароида будед. Вале он дар “Ютуб” ёфт намешавад.

- Бале. Бо Воҳид Тоҷ, як сарояндаи машҳури эронӣ 12 шеъри устод Рӯдакиро бо Хори миллии Эрон сароидем. Ман ин консертро дар “Ютуб” гузошта будам, вале баъдан гирифтам, зеро ҳуқуқи муаллифиаш аз дӯстони эронӣ буд. Бо эрониҳо ҳамкории хуб дорем. Ба қарибӣ онҳо маро ба сифати узви ҳакамони лоиҳаи “Навоҳанг” даъват карда буданд. Ростӣ, каме нотоб будам, ба ҷойи ман Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Фурқати Саид рафтанд.

- Чанде қабл дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн шуд, ки шумо бо Юлдуз Усмонова суруди якҷоя месароед. Гуфтанд, ки шумо дуэт сабт мекунед. Ин нақша оё амалӣ шуд?

- Ман бо Юлдуз Усмонова собиқаи дӯстии бисёрсола дорам. “Дарё маҷӯ, дарё манам” ном сурудро 30 сол пеш хонда будам. Юлдуз бо каме тағйирот онро иҷро мекунанд. Дар Хуҷанд, дар чанд маърака онро якҷо хондем. Овоза шудааст, ки дуэт сабт мекунем.

- Шумо соле 20-25 суруд эҷод мекунед, вале клип сабт намекунед. Чаро?

- Бале, ин камбудии ман аст. Чанд сол қабл сабт карда будам, дар Фаластину Исроил. Баъдан бо худораҳматӣ Дамирбек як клип сабт кардем. Ҳоло бо як гурӯҳ машварат дорем. Худо хоҳад, ҳамин сол клип сабт мекунем. Саҳнаҳои он дар Душанбеву Хуҷанд ва Туркияву Дубай сабт мешавад.

Душмани мард орзу дорам!

- Шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол ҳастед. Саҳифаҳоятонро худатон пеш мебаред?

- Не, духтарам Барноҷон ба ин кор машғул аст.

- Чун сухан аз интернет рафт, як суол медиҳам, ки шояд ба шумо хушоянд набошад. Чанд сол қабл наворе паҳн шуд, ки шумо бо сарояндаҳои ҷавон нишаста, каме қабеҳгуфторӣ мекунед. Ин навор ҳар вақт дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо мешавад. Мехоҳам дар бораи он ҳарф занед.

- Ман фаҳмидам, ки шумо кадом наворро дар назар доред. Ин сабти 17 сол пеш аст. Дар хонаи сароянда Рустами Нур, ки шогирдам аст, маърака буд. Баъди маърака мо нишаста, як суҳбати мардона доштем. Кадом одами бадхоҳ рустӣ навор гирифта, ҳар сол онро дар шабакаҳо мегузорад.

Душманонам заифу номардand,
Душани мард орзу дорам.

Ман аз мақомоти давлатӣ хоҳиш мекунам, ки ҳамин одамро кофта ёбанд. Ин одам кист? Чӣ мехоҳад? Ман ростӣ намедонам. Ҳаволааш ба худо. Ман дар назди Худованд, дар назди миллатам ва дар назди давлат рост ҳастам. Дар ин навор ман дар бораи Пешвои миллат гап мезанам. Воқеан, бояд эътироф кард, ки ин бузургмард қаҳрамони воқеӣ аст. Кишварро обод кард, миллатро аз парокандагӣ наҷот дод.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

Як шаҳодати таърих

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ЧӢ ТАВР МАҚОМИ ДАВЛАТӢ ГИРИФТ?





21-уми феврал рӯзи ҷаҳонии забони модарӣ буд. Ба ин муносибат, нусхаи асли ду ҳуҷҷати нодири таърихӣ - аввалин қарорҳои Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (Ҳукумати аввалини Тоҷикистон) бо роҳбарии Нусратулло Махсум дар бораи ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ШУДАНИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА БА ТОҶИКӢ ГУЗАРОНИДАНИ ТАМОМИ КОРГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ дар Тоҷикистони навтаъсисро пешкаши шумо мекунам.

Қарори аввал (Қарори №12-и Ревкоми ҶМШСТ) 10-уми апрели соли 1925, яъне пас аз 25 рӯзи эълони расмии Тоҷикистон (15.03.1925) қабул шуда, банди аввали он забони тоҷикиро ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ эълон мекунад ва бандҳои 3, 4 ва 5-уми он аз тамоми ниҳодҳои марказию маҳаллӣ қатъиян талаб мекунанд, ки ҳамаи коргузории давлатӣ ва муошират бо мардум танҳо "бо забони аҳолии таҳҷоӣ", яъне ба тоҷикӣ сурат гирад.

Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки дар ин қарори таърихӣ нисбат ба мақоми забони тоҷикӣ маҳз истилоҳи "ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ" (государственный язык) истифода шудааст, ки он ишораи дақиқ ба руҳи истиқлолхоҳӣ ва таърихӣ, ин мафҳум ва ин мубориза дорад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки банди 2-юми ин Қарор дар ҳамон замон нақши забони русиро танҳо ҳамчун "ёридиҳанда" (вспомогательный) муайян мекунад. Сабаби дар банди 1-ум дар канори тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ зикр шудани забони "ӯзбекӣ" низ як талаботи расмият буда, дар он аст, ки он замон ҶМШС Тоҷикистон ҳанӯз дар таркиби он кишвар буд. Аммо бандҳои амалии Қарор (3, 4, 5) маҳз забони амалии давлат, давлатдорӣ ва коргузорӣ шудани забони тоҷикиро таъмин мекунанд, ки моҳияти аслии иқдом низ ҳамин аст.

Ҳуҷҷати дувум (Қарори №21-и Ревкоми ҶМШСТ) чаҳор моҳ пас аз қарори аввал, яъне 5-уми августи соли 1925 қабул шуда, зарурату ҳатмият ва роҳҳои татбиқи қарори якумро ба таври бисёр қатъӣ муайян мекунад.

Зарурати қабули қарори иловагии дувум дар он буд, ки аксари хидматчиёни давлатӣ аз "марказҳо" омада, забони аҳолии маҳаллиро намедонистанд ва ба осонӣ ба коргузории тоҷикӣ намегузаштанд ва ё гузаштан намехостанд. Бо ин Қарори ниҳоят сахтгирона онҳо амалан маҷбур карда мешаванд, ки забони мардуми таҳҷоиро омӯзанд ва ҳатман ба тоҷикӣ муошират ва коргузорӣ намоянд ва дар ин бора ба комиссияи махсус ва Кумитаи инқилобии Тоҷикистон пайваста ҲИСОБОТ ДИҲАНД!

Ин Қарор ҳамчунин ҳатмияти ба ҳамаи идораҳои давлатӣ ба кор гирифтани аҳолии таҳҷоии маҳаллӣ, яъне тоҷиконро ҷорӣ месозад, ки низ дар он марҳила мавзӯи бисёр ҳассос буд.

Масъалаи забони давлатӣ ва коргузорӣ яке аз ҳассостарин мавзуҳои он давра ба ҳисоб рафта, қабули чунин қарорҳои қатъӣ яке аз далеронатарин иқдомҳои Раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС (ҳукумати муваққатӣ) Тоҷикистон Нусратулло Махсум буд. Маҳз дар натиҷаи ин қарорҳо 30 нафар аз фиристодагони ғайритоҷик бо мактуби эътирозӣ ба Вазири корҳои хориҷии СССР ва ҳамзамон масъули комиссияи миллатҳои ИҶШС Г. В. Чичерин мурочиат карда, шикоят карданд, ки гӯё роҳбари Тоҷикистон Нусратулло Махсум як шахсияти миллатгаро буда, ин ҷо моро маҷбур дорад, ки ҳама бо тоҷикӣ муошират ва корбарӣ кунем. Ҳамин нома дар асл аввалин саҳифаи парвандаи ҳукм ва қатли Нусратулло Махсум гашт. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум пеш аз ҳама шаҳиди роҳи барқарории ҳувияти миллӣ ва зиндадории забони модарӣ мебошад.

Абдуллоҳи РАҲНАМО,
сиёсатшинос

Принято в заседании Ревкома
10 Апреля 1925г. Протокол
№29 § 4. –

П О С Т А Н О В Л Е Н И Е
РЕВОЛЮЦИОННОГО КОМИТЕТА ТАДЖИКСКОЙ АВТОНОМНОЙ СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКИ

5 августа 1925 года №12 Гор. Дюшамбе. -


В целях необходимости приближения соваппарата к трудящимся массам и установления в области делопроизводства определенного порядка, Революционный **Комитет ТАССР П О С Т А Н О В Л Я Е Т:**

I. Государственными языками в Таджикской Автономной Советской Социалистической Республике признать Таджикский и Узбекский. –

2. Русский язык ввести, как вспомогательный. –

3. Всем Центральным Органам в сношениях их местными органами вести всю переписку на таджикском языке, или на узбекском, в крайних случаях параллельно на Таджикском и русском. –

4. Всем вилаятным, туменным и кентским исполкомам всю переписку с центральными учреждениями и органами окружного масштаба и вообще все делопроизводство вести на одном из обших государственных языках сноситься же с низовыми органами исключительно на языке коренного населения. –



5. Делопроизводство в аулах и районах вести исключительно на том языке, на котором большинство населения говорит. –

6. В развитие настоящего постановления, НКВД выработать соответствующую инструкцию.

П.п. Зам. Предревкома ТАССР /Дадабаев/

Ответ. Секретарь. /подпись/

Верно: Секретарь Оргота Ревкома ТАССР /Галиев/

П О С Т А Н О В Л Е Н И Е
РЕВОЛЮЦИОННОГО КОМИТЕТА ТАДЖИКСКОЙ АВТОНОМНОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ СОВЕТСКОЙ РЕСПУБЛИКИ

5 августа 1925 года №21 Гор. Дюшамбе.-


В развитие постановления своего от 10/IV-25 года №12 о переходе делопроизводства на местные языки, **РЕВОЛЮЦИОННЫЙ КОМИТЕТ**

П О С Т А Н О В И Л:

I/ Для выработки практических мероприятий по проведению в жизнь перехода делопроизводства на местные языки и уплотнения советских учреждений работниками коренного населения при Ревкоме учреждается специальная комиссия под председательством т.т. РАДЖАБОВА и членов ШОТЕМОРА и АНТОНОВА. -

2/ Все центральные и местные учреждения обязаны представлять Комиссии по ее требованиям доклады, отчеты и все материалы, касающиеся осуществления указанного постановления. –

3/ Комиссии взять на учет местных работников, установить регулярное получение с мест сводок о произведенных работах и о ходе работ периодически докладывать Ревкому. -



4/ На время работ Комиссии Председателю предоставляется право кооптации лучших технических сил Наркоматов по его усмотрению, а равно установление времени занятий и место роботы Комиссии. –

5/ В своей работе Комиссии руководствоваться постановлением и инструкцией о порядке перевода делопроизводства на местные языки. –

П.л. Зампредревкома ТАССР /Мухитдинов/

Управделами /Самсов/

Верно: Секретарь Оргота Ревкома ТАССР /Галиев/

Мирзодавлат Сабурзода:

БАРОИ НОИЛ ШУДАН БА ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ САҲМ МЕГУЗОРЕМ

БАР ЗАММИ ОН, КИ ИМРӮЗҲО ТАРАҚҚИЁТ ДАР ҲАМА СОҲАҲОИ ҲАЁТ МУВАФФАҚОНА ПЕШ МЕРАВАД, МАСЪУЛИНИ ШАҲРУ НАВОҲИИ КИШВАР ТАЛОШ МЕКУНАНД САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИРО БАМАРОТИБ БОЛО БУБАРАНД. ВОБАСТА БА ИН РАВАНД ВА КОРҲОИ ОБОДОНӢ ДАР НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН СУҲБАТЕ ДОШТЕМ БО РАИСИ НОҲИЯ САБУРЗОДА МИРЗОДАВЛАТ АБДОЛӢ.



- Муҳтарам раис, дастовардҳои ноҳия дар умум чӣ гунаанд? Оё онҳо шуморо қаноатманд месозанд?

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён дар партави дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияташро ба роҳ монда, дар соли 2023 ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Муҳимтар аз ҳама, ба ҳадафи ниҳоии худ, яъне татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, пешрафти минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоӣ дар соли 2023 расид, ки он пеш аз ҳама афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию саноатиро тақвият бахшида, ба баландшавии музди миёнаи меҳнат ва маблағгузориҳо мусоидат намуд.

Ҳамчунин, дар ин давра мардуми ноҳия ба муваффақиятҳои намоён дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ноил гардиданд.

- Дар ноҳия дар самти дастгирии тасмими саноатикунонии кишвар чӣ тадбирҳо андешида шудаанд?

- Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 2 миллиарду 634,9 миллион сомонӣ расида, нисбати соли 2022-юм 108,5 фоиз, ё ин ки 206,8 миллион сомонӣ зиёд буда, афзоиш ба соҳаи кишоварзӣ 12,6 фоиз ва ба соҳаи саноат 3,7 фоиз рост меояд.

Соли гузашта дар натиҷаи фаъолияти самарабахши бахши иқтисодии ноҳия ба буҷет зиёда аз 53,6 миллион сомонӣ, ё ин ки 101,0 фоиз маблағ ворид карда шуд, ки аз нақша 506,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи пардохти маблағҳои андози иҷтимоии аҳолии ноҳия 104,8 фоиз, аз ҷумла андози иҷтимоии буҷетӣ 108,0 фоиз ва ғайрибуҷетӣ 100,1 фоиз таъмин гардида, ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҷойи 32,0 миллион сомонӣ, 33,5 миллион сомонӣ маблағ ворид карда шудааст, ки 1,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

“Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2021-2025» 104 лоиҳаро ба маблағи 234,5 миллион сомонӣ дар бар гирифта, дар ҳамкорӣ бо вазорату ташкилотҳои ҷумҳуриявии масъул ҳамагӣ 20 лоиҳа амалӣ гардида, 10 лоиҳаи дигар дар амал қарор дошта, маблағи азхудкардашуда 135,2 миллион сомонӣ, ё ин ки 57,7 фоиз аз арзиши умумии Барномаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 153,6 миллион сомонӣ, ё ин ки бо нархҳои муқоисавӣ 103,4 фоизро ташкил менамояд. Шумораи коргоҳҳо ва корхонаҳои саноатӣ 35 ададро ташкил намуда, аз он 5 ададаш навтаъсис мебошад.





- Таври маълум, яке аз соҳаҳои муҳим барои кишвари мо соҳаи кишоварзӣ аст. Барои рушди ин соҳа кадом иқдомҳо рӯйи даст гирифта шудаанд?

- Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ дар бахши аграрии мамлакат ислоҳоти заруриро амалӣ намуд. Ҳамчунин, ин бахши муҳим аҳолиро бо озуқа ва саноатро бо ашёи хом таъмин мекунад.

Мавриди зикр аст, ки ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ноҳияи Қубодиён ба маблағи 1 миллиарду 929,1 миллион сомонӣ, ё ин ки 112,6 фоиз расонида шуд.

Дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории ноҳия 17366 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуда, нисбати соли 2022-юм 229 гектар зиёд мебошад. Аз он ҷумла, ғалладона ва лӯбиёгиҳо 5863 гектар, аз он гандум 4843 гектар, ҷав 143 гектар, шолӣ 222 гектар, лӯбиёгиҳо 49 гектар, ҷуворимакка барои дон 606 гектар, зироатҳои техникӣ 6049 гектар, аз ҷумла пахта 5789 гектар, картошка 805 гектар, сабзавот 2108 гектар, полезӣ 955 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 1586 гектарро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин, дар майдони 7649,9 гектар, аз он ҷумла дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 3652,8 гектар ва дар бахши аҳолӣ 3851,4 гектар кишти такрорӣ гузаронида шудааст, ки нисбати соли 2022-юм 77,5 гектар зиёд мебошад.

Соли сипаришуда дар ноҳия 59636 тонна маҳсулоти ғалладонагиҳо, 10892 тонна пахта, 14236 тонна картошка, 96358 тонна сабзавот, 41204 тонна полезӣ, 13134 тонна мевагиҳо, 7045 тонна ангур, 13434 тонна гӯшт, 36040 тонна шир, 4,3 миллион дона тухм, 620,4 тонна пашм, 9,3 тонна пилла, 25,0 тонна асал ва 35,0 тонна моҳӣ истеҳсол карда шудааст.

Дурнамои содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар 5200 тонна пешбинӣ гардида, соли сипаришуда 5286 тонна, ё ин ки 101,7 фоиз маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили пиёз ва мевагиҳои барвақтӣ содирот карда шудааст.

- Дар ноҳия ба варзиш, ки солҳои охир аҳамияти бештар пайдо карда истодааст, то кучо таваҷҷуҳ зоҳир мешавад?

- Дар ноҳия 61 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 54 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 1 муассисаи хусусии таълимии ба номи “Барфигул”, 2 гимназияи давлатӣ, 1 мактаб-интернат, 5 муассисаи давлатии таълимии томактабӣ ва 1 хусусӣ фаъолият дошта, дар онҳо 44682 нафар хонанда, аз он 21625 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, шумораи омӯзгорон 2085 нафар, аз он ҷумла 1541 нафар занонро ташкил менамояд. Дар 6 муассисаи таҳсилоти томактабӣ 597 кӯдак, аз он 241 нафар духтарон ба таълиму тарбия ҷалб карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар олимпиадаи вилоятӣ аз фанҳои гуногун хонандагони муассисаҳои таълимӣ иштирок карда, 22 нафарашон ба олимпиадаи ҷумҳурӣ роҳхат гирифта, аз онҳо 8 нафарашон сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Варзишгарони ноҳия дар 15 мусобиқаи вилоятӣ иштирок намуда, сазовори 40 медали тилло, 35 медали нуқра ва 25 медали биринчӣ, ҳамзамон дар мусобиқаи варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ аз намуди гӯштини самбо, гӯштини миллӣ, таэквандо, футбол ва варзиши сабук сазовори 3 медали тилло, 16 медали нуқра, 28 медали биринчӣ ва дар мусобиқаҳои байналмилалӣ бошад, аз намуди гӯштини юнону римӣ, дзюдо, таэквандо ва варзиши сабук сазовори 2 медали тилло, 2 медали нуқра ва 4 медали биринчӣ гардиданд.

- Омодагӣ ба ҷашни бузургу пуршукӯҳ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом сатҳ қарор дорад?

- Тибқи нақшаи чорабиниҳо ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҳамагӣ 129 иншоот, аз ҷумла дар соли 2023 ба истифода додани 41 иншоот пешбинӣ шуда, 42 адад, ё ин ки 102,4 фоиз иншооти соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия мавриди бахрабардорӣ қарор гирифта, маблағи умумии иншооти ба истифода додашуда зиёда аз 32,1 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён баҳри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат саҳми арзандаи худро гузошта, бо фаъолон ва аҳли ҷамоатчигии ноҳия ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чорабиниҳои заруриро амалӣ менамояд.

Мусоҳиб:
Машраби АЛОВИДДИН

ҲАЗОРИСПАНД НАШЪА АСТ?

Дар Русия ҳазориспанд ба гурӯҳи растаниҳои нашъадор ворид шуд. Аз ин ба баъд ворид кардани ин навъи растанӣ, ки дар Тоҷикистон шифобахш дониста мешавад, ба ҳудуди Русия манъ аст.

Сафорати Тоҷикистон дар Русия бо нашри як огоҳинома аз шаҳрвандони Тоҷикистон хостааст, ки аз воридоти ин навъи растанӣ ба ҳудуди Русия худдорӣ кунанд. Сафорат дар огоҳиномаи худ навиштааст, ки аз 7-уми феврали соли равон бо қарори Ҳукумати Русия дар баробари ҳазориспанд шаш намуд растаниҳои дигар ба рӯйхати растаниҳои дорои моддаҳои нашъадор шомил карда шудаанд.

Ҳамакнун, парвариш, фурӯш ё ворид кардани ҳазориспанд ба Русия манъ буда ва барои он 15 шабонарӯз ҳабси маъмурӣ ё 5 ҳазор рубл ҷарима таъин шудааст. Дар ҳолати аз 100 бутта зиёд будани он, ҳаҷми махсусан калон дониста шуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ - маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то 8 сол пешбинӣ шудааст.



ДУ ДУЗДИИ КАЛОН АЗ БАРҚ



Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон рӯзи 27-уми феврали соли 2024 аз ошкор шудани тасарруфи 1 миллиону 265 ҳазор сомонӣ, ё беш аз 100 доллар пули давлат аз ҷониби танҳо як мудири анбори шуъбаи истаравшании ширкати "Шабакаҳои тақсимоти барқ" хабар дод.

Бино ба иттилои маркази матбуоти агентӣ, "Ҳомидов Б. Б. дар мансаби мудири анбори филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Истаравшан кор карда истода, зимни фаъолияти кориаш бо истифода аз ваколати мансабӣ даст ба ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ задааст. Чунончи, ӯ ҳамчун шахси масъулияти моддидошта ба ҳисоби худ дар анбори ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Истаравшан молу маҳсулот ва таҷҳизоти барқии арзишмандро ба маблағи умумии 1 миллиону 265 ҳазору 163 сомонӣ расман қабул намуда, минбаъд бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт ин молу маҳсулотро, ки ба ӯ бовар карда супорида шудааст ва дар ихтиёраш қарор дошт, бо роҳи азонихудкунӣ пурра тасарруф намуда, бо ин кирдори қасдонаи худ ба давлат ба маблағи 1 миллиону 265 ҳазору 163 сомонӣ зарари махсусан калони моддӣ расонид".

Худи Ҳомидов ва ё адвокаташ низ барои шарҳи мустақими қазия дастрас нестанд.

Дар рӯзҳои охир ин алакай дуюмин ҳолати дуздии маблағҳои бузург аз ширкатҳои барқ аст, ки Агентии мубориза бо коррупсия аз ошкор шуданашон хабар медиҳад.

Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон рӯзи 21-уми феврали соли 2024 аз ошкор шудани тасарруфи беш аз 2 миллион сомонӣ пули давлат аз ҷониби роҳбарони "Шабакаҳои барқи шаҳри Панҷакент" хабар дод ва гуфт, ки сардори гурӯҳи хизматрасонии қитъаи Панҷакент Эргашев Б. С. бо истифода аз ваколати мансабӣ ва дар асоси маслиҳати пешакӣ бо роҳбари корхонаи "Шабакаҳои барқи шаҳри Панҷакент" Бобоев Б. Қ. ва дигар шахсони масъул дар чанд ҳолат ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва сохтакории хидматиро содир кардаанд.

БОЗ ЯК ҚУРБОНИИ ҶАНГИ УКРАИНА

Зодаи Тоҷикистон Давлат Қурбоновро, ки ҳамагӣ 20 сол дошт, рӯзи 12-уми феврали соли 2024 дар шаҳри Орёли Русия дар қабристони Наугорское ба хок супурданд.

Дар ин бора пойгоҳи маҳаллии "Орёлград" хабар дод. Бино ба иттилои ин нашрия, Давлат Қурбонов аз ӯзбекҳои Тоҷикистон буда, 8-уми сентябри соли 2003 дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт ба дунё омадааст. Ӯ соли 2021 мактаби миёнаро хатм карда, ба як коллеҷ дар шаҳри Орёл дохил шуд, вале ба гуфтаи наздиконаш, азбаски аз хурдӣ орзуи сарбоз шуданро дошт, коллеҷро хатм накарда, ба хидмати артиш рафт.

8-уми декабри соли 2023 Давлат Қурбоновро ба ҷанги зидди Украина фиристоданд, вале ӯ ҳамагӣ як моҳ ҷанг кард. Дар намояндагии маҳаллии Анҷумани ӯзбекҳо ва ӯзбекистониҳои Русия ба "Орёлград" хабар додаанд ки "баъди як моҳ, дар натиҷаи ҳамлаи ҳавопаймои бесарнишини артиши Украина, Давлат Қурбонов ҷони худро аз даст дод".





Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон рӯзи 27-уми феврали соли 2024 аз боздошти як зани солхӯрдаи 69-сола дар шаҳри Бохтар бо иттиҳоми мардумфиребӣ хабар дод.

Гуфта мешавад, ки Қосимова Зоя, соли таваллудаш 1955, бо роҳи гӯё фолбинӣ ва сеҳру ҷоду шаҳрвандонро фиреб медод. Ҳол он ки ӯ "дар асл саводу доништи тиббӣ ва динӣ надошта, маҳз ба хотири ривоҷ бахшидани эҳтиёҷоти молиявии худ ва ба даст овардани маблағи муфт ба ин корҳо машғул будааст". Дар Тоҷикистон аз соли 2006 фолбинӣ ва сеҳру ҷоду қонунан манъ карда шудаст.



Дар шаҳри Тошканд, пойтахти Ӯзбекистон як зан бо сабаби зарбу лату кӯб ҳангоми ҷинбарорӣ ҷон бохт. Дар Тоҷикистон низ ин усули ҷинбарорӣ тачриба мешавад.

Бар асоси ҳуҷҷатҳои додгоҳ, ду мард дар ин маросим аз путк, занҷир ва чӯб истифода карда, чанд қабурғаи занро шикаста ва сабаби хунравии дохилӣ шудаанд. Онҳоро ба муддати дуним ва се сол аз озодӣ маҳрум кардаанд. Ҷинбарорӣ усули табобати динӣ аст, ки дар Осиёи Миёна ба таври васеъ тачриба мешавад.



Як гурӯҳ муҳоҷирони тоҷик дар боздоштгоҳи Вини иолоти Луизианаи Амрико бо нишони эътироз аз будубоши тӯлонӣ дар ҳабс ва шароити нигаҳдорӣ гуруснанишинӣ кардаанд.

Гуруснанишинӣ беш аз 10 рӯз идома карда бошад ҳам, натиҷае надодааст. Ду нафар аз муҳоҷирони тоҷик, ки бо нияти дарёфти паноҳандагӣ аз марзи Мексика ба Амрико расидаанд, ба "Озодӣ" гуфтаанд, дар боздоштгоҳи Вини Луизиана наздик ба 100 тоҷик нигоҳдорӣ мешаванд, ки аксарияташон шаҳрвандии Русияро ҳам доранд. Онҳо аз Амрико дархости паноҳандагӣ кардаанд.

10 ШИРИНИЕ, КИ БА САЛОМАТӢ ФОИДА ДОРАНД



Хӯрдани ширинро ҳамагон дӯст медоранд, зеро он табъи касро болида мегардонад. Аммо бисёриҳо аз тарси он ки ширинӣ боиси фарбеҳ ё бемор шуданашон мегардад, аз он парҳез мекунанд. Вале мо ба шумо дар бораи 10 ширинии маълумот медиҳем, ки натанҳо касро фарбеҳ намекунанд, балки ба саломатӣ фоида ҳам доранд.

1. АСАЛ



Таркиби асал аз микроэлементҳо ва витаминҳои гуногун, аз ҷумла витаминҳои гурӯҳи B, E ва C бой буда, барои саломатӣ бениҳоят фоиданок мебошад. Бар замми ин, асал дар таркибаш равғанҳои флавоноидӣ ва эфирӣ дошта, хусусияти зиддиилтиҳобӣ дорад. Ногуфта намонад, ки асал беҳтарин тақвиятбахши иммунитет ба шумор рафта, қувваи муҳофизатии организмро дучанд мегардонад.

2. МЕВАГӢ



Меваҳои тару тоза аз витамин ва микроэлементҳо бой мебошанд. Аз ҷумла банан, хурмо ва зардолу аз калий саршор ҳастанд, бинобар ин, табибон ин меваҳои ширинро ба маризоне, ки аз бемории дил ва рагҳои хунгарди он азият мекашанд, тавсия медиҳанд. Ногуфта намонад, ки дар таркиби мевагӣ клетчатка низ фаровон буда, ба барқароршавии микрофлораи рӯдаҳо мусоидат менамоянд.

3. ХУШКМЕВАҲО



Фарқияти асосии хушкмева аз меваи тар дар он аст, ки дар таркиби меваҳои хушкардашуда об нест. Аз ҳамин сабаб миқдори витамин ва микроэлементҳо дар таркиби хушкмева бештар аст. Аммо бояд гуфт, ки бо сабаби дар боло зикршуда каллориянокии меваҳои хушккардашуда назар ба меваҳои тару тоза бештар аст.

4. ҲАЛВО




Азбаски ҳалворо асосан аз кунҷид, чормағз ва донагиҳои дигар тайёр мекунанд, он дар таркибаш ба миқдори зиёд клетчатка ва равғанҳои муфид (растительные жиры) дорад. Туфайли ҳамин хосияташ ҳалво ба кори мунтазами меъдаю рӯда ёрӣ мерасонад. Бояд таъкид кард, ки клетчаткаи дар таркиби ҳалво мавҷудбуда миқдори глюкоза ва холестеринро дар ҷисми инсон муътадил нигоҳ медорад. Моддаҳои мазкур дар организм зиёд бошанд, ҳалво онҳоро аз хун мебарорад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки каллориянокии ҳалво баланд аст.

5. ПАСТИЛА




Пастила як навъ маҳсулоти кондитерие мебошад, ки аз шарбати хушккардашудаи меваҳо тайёр карда мешавад. Он ранг ва намудҳои гуногун дорад. Ба ҷойи пастилаи рангаш сафед ва дилкаш агар шумо рангҳои тиратари онро интихоб намоед, беҳтар аст. Гап дар сари он аст, ки дар таркиби ин намуди пастила нахҳои ғизоӣ бештар буда, он қандро ба зудӣ баланд намекунад. Фоидаи дигараш он аст, ки баъди хӯрдани пастила кас худро муддати тӯлонӣ сер эҳсос мекунад.

6. ШОКОЛАД



Таркиби шоколад асосан аз какао ва равған иборат аст. Шоколади асил дар таркибаш кислотаҳои равғании зиёде дорад. Шоколад ҳамчунин дар таркибаш моддаи муфиди омега 3 дорад, ки сатҳи холестеринро дар хун паст мекунад, ба шарте, ки шоколади мехӯрдаи шумо шоколади сиёҳ ва дар таркибаш на бештар аз 70% какао дошта бошад.

7-8. МАРМЕЛАД ВА ЗЕФИР



Аз тамоми намудҳои ширинихо ва маҳсулоти кондитерӣ мармелад ва зефир коллорияи камтар доранд. 100 грамм зефир ва ё мармелад тахминан 200-300 ккал дораду халос. Аз ҳамин сабаб ҳатто рақҳосаю варзишгарон метавонанд нотарсида мармелад ва зефир бихӯранд. Дар фосилаи байни танаффусҳо як-дудонагӣ мармелад ё зефир хӯред, он ба шумо нерӯи тоза бахшида, табъатонро болида мегардонад.

9. ТВОРОГ



Барои десерт варианти хуб аст, махсусан агар онро бо дасти худатон тайёр кунед. Метавонед ба творог каме равғани маска, шакар ва асал илова намуда, ҳамаашро нағзакак лат занед. Агар ба он хушкмева ва чормағз андозед, каллориянокиаш баланд мешавад, вале ҳамзамон миқдори витаминҳо ва микроэлементҳои таркибаш низ бештар хоҳад шуд. Бо хӯрдани чунин десерт шумо ҷисми худро бо сафедаҳо, калсий ва витаминҳои гуногун шодоб месозед.

10. КОКТЕЙЛИ ШИРӢ



Коктейли ширӣ манбаи микроэлементҳо ва витаминҳо буда, ҳамзамон аз сафеда ва калсий бой аст. Беҳтараш онро дар хона бо дасти худ омода намуда, ба коктейли ширӣ ягон мевагӣ ва ё буттамева андозед. Хоҳед, ки каллориянокии коктейли шумо камтар шавад, шири равғанаш гирифташударо истифода баред.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта зимни робита бо атрофиён бодиққат бошед. Дар бораи ҳаёти шахсии худ ба нафарони ношинос дарди дил накунед. Ҳамзамон дар бораи худ ё яке аз наздиконатон ғайбату бухтон мешунавед.



Савр
21.04 - 21.05

Нимаи аввали ҳафта бо шахси дӯстдошта ё яке аз ҳамкорон сари қарори муҳиме ба мувофиқа меоед. Ҳамсафари ҳаётӣ ба шумо хабари хуш мерасонад, ки ин ба нақшаҳои муштараки шумо таъсири мусбат мегузорад. Миёнаи ҳафта харочоти иловагӣ пеш меояд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта чӣ кор кардану ба кадом самт ҳаракат кардани худро намедонед. Нимаи аввали ҳафта барои пешгирӣ намудани бемориҳои музмин вақти мусоид аст. Ҳамзамон барои харидорӣ намудани ҳайвоноти хонагӣ ҳафтаи бобарор аст.



Саратон
22.06 - 23.07

Аксари зодагони мучали асад дар ин ҳафта дучори изтироби шадид ва фишори рухӣ мегарданд. Мушкилӣ бо хешу акрабо ва наздиконатон сар мезанад. Агар шумо оиладор бошед, маблағи ҷамъшудаи шахси дӯстдоштаатон мавриди бахсу мунозираи оилавиатон қарор мегирад.



Асад
23.07 - 22.08

Нимаи аввали ҳафта бояд барои ба низом даровардани робитаҳои тиҷоратӣ ё муносибатҳои оилавӣ машғул шавед. Айни замон барои мавриди баррасӣ қарор додани мушкилоте, ки кайҳо боз шуморо ташвиш медиҳанд, вақти мусоид нест.



Сунбула
23.08 - 22.09

Аксари зодагони мучали мизон дар ин ҳафта бо мушкилии аз сар гузаронидаи худ дубора машғул шуданашон лозим меояд. Нимаи аввали ҳафта ба ғизои мехӯрдаи худ тағйирот ворид намоед. Ҳама гуна ташхису табобат бобарор анҷом меёбад.



Мизон
25.09 - 22.10

Аксари зодагони мучали мизон дар ин ҳафта бо мушкилии аз сар гузаронидаи худ дубора машғул шуданашон лозим меояд. Нимаи аввали ҳафта ба ғизои мехӯрдаи худ тағйирот ворид намоед. Ҳама гуна ташхису табобат бобарор анҷом меёбад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Саршавии фасли баҳор ба ҳаёти нафарони ошиқ рангу нумӯи тоза мебахшад. Мулоқоти ошиқона дилатонро ба зиндагӣ гарм месозад. Нимаи аввали ҳафта дар тарбияи фарзандон муваффақ мегардед. Ба маъракаҳои дилхушкунанда рафтанро тавсия намедиҳем.



Қавс
25.11 - 21.12

Барои пайдо намудани кунҷи хилват вақт пайдо карданатон лозим аст. Дар танҳоӣ ҳодисаҳои рӯзҳои охир сарзада ва ҳолати рухии худро дар тарозуи ақл баркашед. Эҳтимол шумо робитаи худро бо наздикон ва аҳли оила дигаргун кардан мехоҳед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Нимаи аввали ҳафта бо дӯстон ва шиносҳои худ бештар муошират кардан мехоҳед. Эҳтимол бо нафаре шинос мешавед, ки чашматонро ба бисёр корҳо кушода месозад. Нафаре барои ҳалли мушкилияш аз шумо кумак мепурсад.



Далв
21.01 - 19.02

Нимаи аввали ҳафта барои рафъ намудани мушкилоти молиявӣ мусоид мебошад. Эҳтимол манбаи даромади худро зиёд мекунед. Нимаи дуюми ҳафта чандон бобарор намеояд. Аз рӯзи панҷшанбе то якшанбе зарари молиявӣ диданатон имконпазир аст.



Ҳут
20.02 - 20.03

Нимаи аввали ҳафта бобарор меояд. Қобилиятҳои ақлониятон дучанд мегардад. Вақте расидаст, ки ғалату камбудиҳои худро рафъ намоед. Нафароне, ки ба саёҳат баромадаанд ва донишҷӯён дар ҳама кор муваффақ мешаванд. Ҳафта барои нав кардани сарулибос мусоид нест.

МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР СИМИГАНҶ

Устод Мирзо Турсунзода бо мошини хизматиашон аз маркази ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) гузашта истода, ба шоири ҷавон, вале овозадор Муъмин Қаноат, ки дар нишастгоҳи ақиб, паҳлуи устод менишастанд, мегӯянд:



Дар қатори якум аз рост ба чап: *устодон Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Турсунзода, Файз Аҳмади Файз, Мирсаид Миршакар.* **Қатори дуюм:** *Нуъмон Розиқ, Муъмин Қаноат ва С. Саидов*

- Муъминшоҳ, ба ҷамоати Симиганҷ рафта, Нуъмончонро (шоир Нуъмон Розиқ дар назар аст) дида равем, чӣ мешавад?

Устод Муъмин Қаноат бепарвоёна ҷавоб медиҳанд:

- Устод, ба рафтан ку меравем, аммо аз зиёфат умедатонро канед. Кӣ медонад, ки дар хонааш ягон чиз ҳаст ё нест?

Устод Мирзо Турсунзода, ки аз меҳмоннавозии Нуъмон Розиқ воқиф буданд, табассумкунон ба Сайфуллои рононда роҳи хонаи шоирро нишон медиҳанд.

Дастархони соҳибхонаро дида, устод Муъмин Қаноат дар ҳайрат меафтанд, ки ӯ ин қадар анвои хӯрданиро дар як дам чӣ тавр муҳайё намудааст? Вақоҳати ӯро устод Мирзо Турсунзода дида, суҳбаташонро бо устод Муъмин Қаноат ба Нуъмон Розиқ нақл мекунанд.

Нуъмон Розиқ бо табассум ба устод Муъмин Қаноат нигариста, бадоҳатан мегӯянд:

Хонаи Нуъмон, ки беқаймоқ нест,
Мисли Муъмини Қаноат қоқ нест.
Дасти ӯ маҳкам, дараш бикшодааст,
Сахтии ӯ сахтии қайроқ нест.

Ҳотами ҲОМИД



"СЕЗДАҲБАДАР"-И ТОҶИКОН ВА "ЮАНСЯО"-И ЧИНИҲО

Чиниҳо чанд рӯз пеш ҷашне бо номи "Юансяо" (тоҷикӣ: "Чароғ"; англисӣ: "Lanternt") доштанд, ки дар рӯзи чордаҳуми моҳи аввали солшумориашон рост меояд ва охирон рӯзи ҷашни Соли Нави чинӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, чиниҳо Соли Нави аҷдодиашонро ду ҳафта бо шукуҳу шаҳомат ҷашн мегиранд ва ин ҷашни солинавиашонро дар 14-умин рӯз бо маросими "Чароғ" ҷамъбаст мекунанд.

Дар таҷлили маросимоти Наврӯзи мо низ маросиме бо номи "Сездаҳбадар" дорем, ки яке аз муҳимтарин маросим аз силсилаи ойинҳои Наврӯзи бостонӣ буда, рӯзи сездаҳуми фарвардин баргузор мешавад ва марҳилаи ниҳойии ҷашни Наврӯз аст.

Дар аввал чунин ба назарам мерасид, ки ҷашни "Чароғ"-и чиниҳо танҳо аз нуқтаи назари вақти ҷашнгирӣ ба "Сездаҳбадар"-и мо монандӣ дорад. Пас аз мутолиаҳо чунин дарёфтам, ки ҳамчунин аз рӯйи моҳияту муҳтаво ва унсурҳои фарҳангии ҷашнӣ маросими "Чароғ"-и чиниҳо мисли "Сездаҳбадар" аст. Лек, моросими "Чароғ"-и чиниҳо ҳамагӣ таърихӣ 2000-сола дорад ва Наврӯзи мо бо маросимҳояш, аз ҷумла "Сездаҳбадар" бошад, таърихи ҳазорсолаҳо дарозтар аз маросими "Чароғ"-и чиниҳоро дорад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фарҳанги ҷашнӣ ва маросими Наврӯзи мо маҳдуду локалӣ набуда, характери тавсеавӣ ва глобалӣ дорад. Зеро аз як давра ба давраи дигар, аз як марҳила ба марҳилаи дигари таърихӣ ва аз фарҳанги мо ба фарҳанги дигар интиқол ёфтани маросимҳои Наврӯз гувоҳи он аст, ки дар доираи фарҳангу маросимоти ҷашнии Наврӯз арзишҳои умумимиллӣ ва умумиинсонӣ таҷассум ёфтаанд.

"Сездаҳбадар" маҷмӯаи маросимоти Наврӯзиро ҷамъбаст мекунад ва омодагиро ба ҷараёни минбаъдаи зиндагӣ ба мардум илқо менамояд. Ин аст, ки тибқи одоти маросимӣ, мардум ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ дастҷамъона берун аз шаҳр мераванд ва дар муҳити кӯҳсору саҳро бо хушию хушҳолӣ ва саргармиҳо бо табиат ҳамоғӯш мешаванд.

Маросимоти Наврӯзӣ, аз ҷумла «Сездаҳбадар», дар маҷмуъ, як тамаддуни тому тамоманд, ки миллат ва фарҳанги моро дар паҳнои таърихи башарӣ аз қадим то имрӯз намояндагӣ мекунанд.

Умед дорам, ки ин гуна маросимоти миллию мардумӣ байни ҷомеаи мо густариш ёбанд ва сол ба сол зеботару хотирмонтар ҷараён бигиранд.

Меҳрдод СУБҲОНӢ

КИТОБИ НАВ ДАР БОРАИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

"Лаъли Мевағул" (Таҳқиқ дар шеъри Камоли Хуҷандӣ ва нақду баррасии осори Камолшиносон) унвони китобест, ки ба қалами адабиётшиноси варзида, профессор Нуралӣ Нурзод мутааллиқ аст.

Китоби мазкур бо иқдоми Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» тариқи нашриёти Хуросон бо теъдоди 300 нусха ба нашр расид.

Ҳарчанд то имрӯз масоили зиндагиву осор ва вежагиҳои ашъори Шайх Камоли Хуҷандӣ борҳо мавриди назари муҳаққиқону суханварони дигар қарор гирифтааст, аммо "Лаъли Мевағул" ҳосили ҷусторҳои мухлисонаи шоир ва муҳаққиқи пуркор Нуралӣ Нурзод - доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аст, ки паҳлуҳои мухталифи ашъору афкори Камоли Хуҷандӣ ва нақди осори Камолшиносонро дар бар мегирад.



Китоби мазкур аз се бахш иборат буда, дар бахши нахуст силсилаи мақолот роҷеъ ба ҷанбаҳои муҳими мавзуиву ҳунарии шеъри Камоли Хуҷандӣ, дар бахши дуюм пажӯҳишҳое роҷеъ ба пайванди шоир бо суханварони қабл аз худ, таассуроти шоирони баъдӣ аз сабки сухан ва ҷаҳони андешаи ӯ, инчунин нақду назари тазкиранависон ба зиндагиву шеъри Шайх Камол ҷой гирифтаанд. Бахши сеюми китоб ҳовии дидгоҳҳои муаллиф ба саҳм ва ҷойгоҳи Камолшиносони тоҷик ва осори эшон дар шинохти сабки сухан ва андешаи шоир буда, баррасии осори А. Афсаҳзод, А. Насриддин, Б. Мақсудзода, А. Суруш ва Б. Раҳматзод дар меҳвари мақолоти ин бахш қарор гирифтаанд.

Ш. ОЛИМОВА

МАВЛУДНОМА

• 1 МАРТ •

Ёрмаҳмад Ашӯрмуҳаммадов (1919-2004), 95-солагии зодрӯзи режиссёр ва ҳунарманди театр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Фатҳуллои Азиз (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Ашӯрбой Имомов (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ, профессор.

Диловаршо Исоев (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Эмма Крижановская (1944), 80-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

Худодӯсти Олифта (1934-1981), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Анна Сабурова (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Қамариддин Тӯхлиев (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Инъомхон Холматов (1949- 2009), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Назардод Ҷонбобоев (1934), 90-солагии зодрӯзи журналист.

• 2 МАРТ •

Оқил Зиёев (1894-1965), 130-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Бахтиёр Мирзобаҳодуров (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Хайко Муллоқандов (1919-1998), 105-солагии зодрӯзи хормейстер, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 3 МАРТ •

Галина Зорина (1934), 90-солагии зодрӯзи сароянда опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Нурулло Қурбонқулов (1949), 75-солагии зодрӯзи рассом.

Саидҷалол Сатторов (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Турсунбой Улмасов (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Шариф Ҷӯраев (1894-1966), 130-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ.

• 4 МАРТ •

Дона Баҳромов (1949), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Муҳаббат Қаноатов (1934), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос- шарқшинос.

Комилҷон Маҳмудов (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

Саъдулло Рабий (1884-1939), 140-солагии зодрӯзи шоир.

• 5 МАРТ •

Раҳимҷон Бобоев (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Раҳимҷон Давлатов (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишварзӣ.

Евгений Павловский (1884-1965), 140-солагии зодрӯзи зоолог ва паразитолог, узви фахрии АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, генерал-лейтенант.

Рафоати Саидаҳмад (1954), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Александр Усенко (1919- 1978), 105-солагии зодрӯзи шоир.

Холмуроди Юлдош (1944), 80-солагии зодрӯзи шоир.

Талъат Негматулин (1949-1986), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманди синамо (дар филмҳои тоҷикӣ нақш офаридааст).

• 6 МАРТ •

Заррина Абдулвоҳидова (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Иван Лебедев (1914-1989), 110-солагии зодрӯзи зоотехник, профессор.

Саттор Рачабов (1924), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Маъсума Ҳасанова (1929), 95-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929), 135-солагии зодрӯзи шоиру драматурги тоҷики Ӯзбекистон.

Фозил Искандар (1929), 95-солагии зодрӯзи адиби форстабори руснигори абхаз.

Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу чамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРУШАМ

► ХОНА

► Дар ноҳияи Сино, бинои 6-ошёна аз хишти пухта, ошёнаи 3, воқеъ дар 33 микрорайон, хона иборат аз 4 ҳуҷра, ошхона, 2 ҳаммом ва 5 балкони гармкардашуда. Масоҳати умумии хона 112 м.кв. Хона таъмири замонавӣ, мебел ва ҳама намуди техникаи маиширо дорад. Тирезаҳои хона ПВХ. Арзиши хона 75 000$ бо пули миллӣ. Арзон намешавад. Беҳуда занг назанед. Телефонҳо барои тамос: 901222456 ва 909210001

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба ронанда, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем, синну сол то 30-сола. Тел.: 900-013-013, 907-68-99-99

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Эълони дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон», №7 (1570) аз 14.02.2024 нашршуда дар бораи шиносномаи А04820649 ба номи Нигматова Мавлюда Амиршоевна, ки соли 12.04.2023 аз тарафи ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №22987, аз 12-уми феврали соли 2020, ба номи Мамаҷонова Саёҳат Нарзуллоевна, ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳисор, бинои 77, ҳ. 21, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Ҷаборов Меҳроҷиддин Саидсоқович, ки соли 2021 аз тарафи Донишгохи байналмилалии сайёҳӣ соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Солиҳов Некруз Абдуҷалилович, ки соли соли 2021 аз тарафи ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Кооперативи тиҷоратии «Зафар Солиев», РЯМ: 0710006990, РМА: 070009364, аз 30.05.2011, ки дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи бақайдгирӣ №409, ба номи Абдуразаков Абдугани, н. Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён (собиқ Куктош), к. Беҳрӯз 110 (собиқ Рабочая), аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Ҷуразода Мухаммадшарифи Ҷурахон, ки аз соли 2023 аз тарафи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Рахмонов Абдулхамид Курбонович, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, хонаи 32, ҳ. 10, бақайдгирии ҳуқуқӣ аз саннаи 10.05.2012, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Аъзам Хакбердиев Ахмадович, ки аз санаи 06.08.2022 аз тарафи Коллеҷи информатика ва технологияи компютерии шаҳри Душанбе дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Иззатов Маҳмадулло Зикруллоевич, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 76/4, ҳ. 24, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Кульмуратов Шаймусин, РЯМ: 3330017543, РМА: 335175131, аз сбабаи гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Диплом ба номи Косимзода Муродбеки Туйчи, дипломи аъло ДКА №0001963, қайди №10041, соли хатм 2012, Коллеҷи тарбияи ҷисмонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ваколатнома таҳти феҳристи №20т-752 аз 17.06.2019, ба номи Саторов Шуҳратҷон Абдуҷабборович, ш. Душанбе, н. Сино, к. Қабодиён, хонаи 30/1, ки дар нотариуси давалатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома оиди бақайдгирии давлатии Дараҷаи А №0033707, аз 20-уми октябри соли 2016, қайд №8303, ба номи Сафарова Шарофат Рахмоновна, ш. Душанбе, н. Сино, к. Қабодиён, хонаи 30/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, Иқтибоси №33072 аз 10.06.2020, 10-уми июни соли 2020, соати 16:23 аз рӯи аризаи №650061425 аз 8-уми июни соли 2020, ба номи Сатторов Шуҳратҷон Абдуҷаббарович, ш. Душанбе, н. Сино, к. Қабодиён, хонаи 30/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи А02494686 ба номи Кенҷаев Азимҷон Ҷуманазарович, ки 19.09.2019 аз тарафи ШВКД-2 дар н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи А03499499 ба номи Шарипов Шариф Саидазамович, ки 19.09.2020 аз тарафи ШВКД-1 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Ахмедова Шаъмигул Давлатҷоновна, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Деҳотӣ 23/14, ҳ. 32, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Рахимова Мунавар, РМА: 075820709, РЯМ: 0730152702, санаи таъсисёбӣ 20.07.2017, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии Дараҷаи А №0033707, аз 20-уми октябри соли 2016, қайд №8303, ба номи Сафарова Шарофат Рахмоновна, ш. Душанбе, н. Сино, к. Қабодиён, хонаи 30/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши квартира ва шиносномаи хонаи мазкур таҳти феҳрасти 8Ш-1110 аз 06.03.2014, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Низомова Меҳриниссо Ҳайдаровна бо суроғаи к. Б. Ғафуров, хонаи 33, квартираи 7 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира ва шиносномаи техникии хонаи зикргардида таҳти феҳрасти 1Ш-1412, аз 29.12.2009, ки дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Фаридуни Абдусалом Каримзода бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Есенина, хонаи 9, ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши автогараж, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рашт 7-уми сентябри соли 2018, таҳти феҳрасти №9Ш-35 ба Тошов Сайумрон Сайдакрамович нисбат ба автогараж, воқеъ дар ноҳияи Рашт, кӯчаи И. Сомонӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши идора (офис) ва шиносномаи техникии хонаи мазкур таҳти феҳрасти 2ШД-389, аз 02.05.2019, ки дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Пирова Замира Абдураҳимовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, хонаи 3 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сбаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Зафар Солиев", РЯМ: 0710006990, РМА: 070009364, аз 30.05.2011 дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Шаина", №0291850, РЯМ: 7710002255, РМА: 775138418, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



ФУТБОЛ

ТАМРИНҲОИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ҚАБЛ АЗ БОЗИҲО БО АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР ҚАТАР

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон моҳи март қабл аз бозиҳои интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи «G» бо тими мунтахаби Арабистони Саудӣ дар шаҳри Давҳа ҷамъомади даҳрӯза анҷом медиҳад.

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон зери роҳбарии сармураббии нав мутахассиси гурҷӣ Гела Шекиладзе аз 9 то 18-уми март дар Қатар тамрин мекунад. Бегоҳи 18-уми март тими Тоҷикистон аз Давҳа барои анҷоми бозии сеюми даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 бо тими Арабистони Саудӣ ба Риёз сафар мекунад. Ин воҳӯрӣ 21-уми март дар варзишгоҳи Донишгоҳи Шоҳ Сауд баргузор шуда, соати 23:59 ба вақти Душанбе оғоз мешавад.

Сипас, тими миллии Тоҷикистон ба Душанбе бармегардад ва дар майдони худ бо мунтахаби Арабистони Саудӣ бозии интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026-ро анҷом медиҳад. Ин рақобат рӯзи 26-уми март дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор шуда, соати 20:00 оғоз мегардад.



ҶУДО

ШИРКАТИ 15 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР TASHKENT GRAND SLAM 2024

Дастаи мунтахаби ҷудокорони Тоҷикистон дар мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо, ки дар пойтахти Ӯзбекистон баргузор мешавад, дар ҳайати 15 паҳлавон ширкат мекунад.

Tashkent Grand Slam 2024 аз 1 то 3-юми март бо иштироки 463 варзишгари беш аз 70 кишвар баргузор мешавад.

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон Шукрона Қарчиева (-48 кг), Аҳлия Муъминова (-52 кг), Фазилат Гулбоева (-57 кг), Мавлуда Одинаева (-63 кг) байни духтарон ва Меҳрзод Суфиев, Ҳақдод Гуломов (-60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ (-66 кг), Маҳмадшариф Наҷмуддинов (-73 кг), Сайфиддин Сайфиддинзода, Сунатулло Мусоев (-81 кг), Комроншоҳ Устопириён, Акмал Муродов (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг), Мансур Раҳмон ва Шакармаҳмад Мирмамадов (+100 кг) байни мардон шомиланд.



Беҳрӯз Хоҷазода, ки қаблан ба ҳайати дастаи ҷудои Тоҷикистон ворид шуда буд, ба далели бардоштани ҷароҳат дар ин мусобиқа иштирок карда наметавонад.

Варзишгарон барои иштирок дар мусобиқа имтиёз ба даст оварда, мавқеашонро дар раддабандии олимпӣ беҳтар мекунанд.

Ғолибон ва ҷоизадорон дар баробари нишон ҷоизапулӣ мегиранд.

ҶОМИ ФФТ

«РАВШАН»-И КӮЛОБ АВВАЛИН ҶОИЗАИ ХУДРО ДАР СОЛИ НАВ БА ДАСТ ОВАРД

«Равшан»-и Кӯлоб таҳти роҳбарии Аҳлиддин Турдиев барандаи Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон дар мавсими соли 2024 гардид, ки ин аввалин ҷоизаи ин даста дар ин сол аст ва ҳам бори аввал аст, ки «Равшан» барандаи ин ҷом мешавад.

Дар шаҳри Ҳисор сенздаҳумин мусобиқаи Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон ба анҷом расид. Дар бозии ниҳоӣ дастаи «Равшан»-и Кӯлоб бар бошгоҳи «Ҳосилот»-и ноҳияи Фархор бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. Муаллифи голи ғалабаовар футболбози нави тими шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Зарипов гардид, ки дар ниҳоят беҳтарин бозигари финал эътироф шуд.

Дар рақобат барои ҷойи сеюм КМВА-и Душанбе бар дастаи «Барқчӣ»-и Ҳисор бо ҳисоби 2:1 пирӯз гардид.



UFC

НАИМОВ ҒАЛАБА КАРД, АКНУН НАВБАТ БА ЛОИҚ РАҶАБОВ!



Ёдовар мешавем, ки дар мусобиқаи UFC 285 Лоиқ Раҷабов муҳорибаи аввалашро дар Лас-Вегас гузаронида, бо қарори доварон ғолиб дониста шуд.

Ҳарифи ӯ варзишгари қаблан мағлубнашудаи аргентинӣ Эстебан Рибович буд. Размикори тоҷик натанҳо аз рӯи холҳо дастболо шуд, балки байни варзишгарони вазни миёна рекорд гузошт: ӯ ҳарифашро дар 3 раунд 11 маротиба ба нокдаун фиристод.

Дар муҳорибаи дуюм дар мусобиқаи UFC ӯ аз намояндаи Лаҳистон (Полша) Матеуш Ребетски шикаст хӯрд.

Айни замон Лоиқ Раҷабов дар 17 муҳориба дастболо шуда, 5-тоашро бохтааст ва ҳамагӣ 1 мусовӣ дорад.

Моҳи феврали соли 2023 Лоиқ бо UFC қарордод ба имзо расонида буд.

Боиси зикр аст, ки размикори дигари тоҷик Муҳаммад Наимов (11-2) дар рақобати навбатиаш дар UFC музаффарият ба даст оварда. Субҳи 25-уми феврал дар рақобати UFC Fight Night 237 дар шаҳри Мехико -Наимов дар рақобат бо Эрик Силва аз Венесуэла дар 44 сония бо нокаути техникӣ пирӯз шуд. Ин пирӯзии сеюми размикори тоҷик дар ташкилоти бонуфузи UFC мебошад.

РЕЗААХБОР

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2024 таҳти роҳбарии Мубин Эргашев бо ҳамсолони худ аз Ветнам ду бозии дӯстона баргузор мекунад. Ин воҳӯриҳо рӯзҳои 20 ва 23-юми март дар варзишгоҳи «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода баргузор мешаванд. Шашумин Ҷоми Осиё-2024 байни дастаҳои мунтахаби то 23-сола аз 15-уми апрел то 3-юми май дар Давҳа баргузор мешавад. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон (U-23) дар гурӯҳи «С» бо дастаҳои мунтахаби Арабистони Саудӣ (16-уми апрел), Ироқ (19-уми апрел) ва Тайланд (22-юми апрел) нерӯ месанҷад.



***

Ҳамлагари дастаҳои миллӣ ва олимпии Тоҷикистон (U-23) Шаҳром Самиев фаъолияти худро дар тими «Андиҷон», ки шомили Суперлигаи Ӯзбекистон аст, идома медиҳад. Шаҳром Самиев бо дастаи «Андиҷон» шартномаи сесола баст. Қаблан Самиев дар дастаҳои «Барқчӣ», «Помир», «Истиқлол» (ҳама аз Душанбе), «Рубин» (Русия), «Шериф», «Динамо-Авто», «Зимбру» (ҳама аз Молдова), «Торпедо-Жодино», «Ислоч» (ҳар ду аз Беларус) ҳунарнамоӣ кардааст. Охирин бошгоҳи Самиев «Милсами»-и Молдова мебошад.

***

Дар ҷаласаи васеи бошгоҳи футболи «Вахш» роҳбарияти нави даста муаррифӣ шуданд. Зайнулло Шарифзода президенти нави дастаи «Вахш» интихоб шуд. Мутахассиси маъруф Муҳсин Муҳаммадиев ба ҷойи Исроил Шарифов, ки давоми 30 сол дар ин бошгоҳ кор мекард, директори дастаи «Вахш» таъйин шуд. Муҳаммадиев то ин дам дар дастаи «Истиқлол»-и Душанбе кор мекард.

***

Дастаи наврасони футболбози Тоҷикистон (U-16) дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 таҳти роҳбарии Далер Каёсов дар мусобиқаи анъанавии байналмилалии «Ҷоми рушд-2024» дар шаҳри Минск ширкат кард ва аз тимҳои Беларус (0:3), Русия (1:6) ва Қазоқистон (0:2) шикаст хӯрд. Сипас, дастаи Далер Каёсов дар бозӣ барои ҷойи ҳафтум бар тими наврасони Озарбойҷон бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуд.



Нахандон

Зан гирён ба палатаи шавҳари бемораш медарояд.

Шавҳар:

- Ҳа, чӣ шуд?

Зан:

- Модарам вафот карданд!

Шавҳар:

- Медонӣ ку, ҷоғам шикастагӣ, мана нахандон.

Офтоб

Мард ба занаш:

- Занакҷон, мехоҳӣ Офтоби ман бошӣ?

- Албатта мардакҷон,- посух медиҳад зан.

- Набошад, аз ман 150 миллион километр дур исто!

Рамазон

Мулло Афандӣ дар минбар гуфт:

- Ҳар касе, ки 15 рӯзи аввали моҳи Рамазон ва 15 рӯзи охири моҳи шарифи Рамазон рӯза гирад, монанди он аст, ки кулли моҳи Рамазон рӯза гирифта бошад!

Хирс

Боре бо мақсади тамасхур ва дарёфти хато аз имом Шофеъӣ (р.ъ.) пурсиданд:

- Агар ҳангоми адои намоз хирсе аз пешамон гузар кард, мо чӣ гуна садди роҳи он бишавем?

Ҳазрат гуфт:

- Агар таҳорататон нашикаста бошад, намозатонро давом диҳед.

Истироҳат

- Мардакҷон, имрӯз ман пеши духтур рафтам. Гуфт, ки ба Анталия, Малайзия ё Дубай равам ва дар назди об истироҳат кунам. Мо ба кучо меравем?

Шавҳар:

- Ба назди духтури дигар!

Ғорат

Марде ба дӯсташ:

- Дирӯз ба ман ғоратгарон ҳамла карданд. Соат ва пулҳоямро кашида гирифтанд.

Дӯсташ:

- Охир, ту оид ба бокс медали тилло гирифта будӣ-ку.

Мард:

- Ҳа, хушбахтона онро наёфтанд.

Зодрӯз

Мардеро бо ярок дида, мепурсанд:

- Ба кучо равонай?

- Ба зодрӯзи хушдоманам, барояш гӯшвор туҳфа гирифтам.

- Милтиқро барои чӣ мебарӣ?

- Барои гӯшвор. Гӯшҳояшро сӯрох кардан лозим.

Ҷевон

Равоншинос ба мард:

- Вақте бо занатон муноқиша мекунед, кӯшиш намоед, ки аз ӯ болотар бошед.

Мард мегӯяд:

- Ман барои ҳамин болои ҷевон мебароям, духтур.

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

Таърифи зан

Валиқул бо дӯстонаш нӯшида, суҳбат мекарданд. Мавзуъ ҳунармандии занҳояшон буд. Якумаш гуфт:

- Зани ман даҳ панҷааш ҳунар аст. Ана, дина косаро афтонда шикаст. Гирифта чунон зебо ширеш намуд, ки гӯё нашикастааст.

Дуюмаш гуфт:

- Аз ман ҳам ҳамин хел. Дирӯз шимамро дарондам. Чунон дӯхт, ки гӯё надаридааст.

Валиқул гуфт:

- Зани ман ҳам инчунин. Ана, дина ҳамин куртаи маро шуста буд. Нигоҳ мекунӣ, гӯё нашустааст...

Таҳдид

- Дар ҷавониям духтари ҳамсоя барои ман шуда ҷонашро ба хатар гузошта буд...

- Наход? Чӣ хел?

- Гуфтааст, ки агар маро ба ҳамин кас диҳед, худамро ба дарё мепартоям...

Забони англисӣ

- Шумо немисиро медонед?

- Yes.

- Охир ин англисӣ аст...

- Пас англисиро ҳам медонистаам.

Мор

- Азизам, ин мори мурдагиро ту дар мӯзаи ман андохтӣ?

- Чӣ, аллакай мурдааст?

Лӯлакабоб

- Мардум фақат бо як нон сер намешаванд,- гуфт Валиқули ошпаз ба ёрдамчиёнаш ва ба қиммаи лӯлакабоб каме гӯшт ҳамроҳ кард...

Ҳисоб

- Дада, ман дар боғча ҳисобро ёд гирифтам.

- Ку ҳисоб кун.

- Шаш, ҳафт, ҳашт, нуҳ, даҳ, валет, дама, туз...

Ҳилла

Валиқул бо таксӣ то дари хонааш омад. Аз мошин фаромада, барои ҳисобӣ кардан кисаашро кофт. Чизе наёфта, дасташро ба кисаи дигараш пеш кард. Тамоми кисаҳояшро кофта, пул наёфт. Ба ҷавони таксирон гуфт:

- Аз афташ ман ҳамёнамро дар мошини шумо афтондаам. Истед, ку бинам.

Таксист инро шунида, газро зер карда рафт.

Валиқул худ ба худ гуфт:

- Хайрият, ки ин ҳиллаам ба кор рафт...

Фолбин

Дар тарабхона:

- Шумо фолбин ҳастед чӣ, дӯстам?

- ???

- Охир, аз кучо фаҳмидед, ки сарошпаз мӯйи сиёҳи кӯтоҳ қайчизадашуда ва одати нохунҳояшро хоидану туф кардан дорад?

Узви асосӣ

- Узви асосии инсон кадом аст, дӯстам?

- Мағзи сар.

- Наёфтӣ. Узви асосӣ меъда аст.

- ?

- Бе мағз зиндагӣ кардан мумкин аст, бе меъда не.



Хайрулло БАСРИДДИНОВ

Сканворд

